# *Рӯймолчаи сафед*
# *ва 36 ҳикояи дигар*

## 1 Рӯймолчаи сафед

Марде дар истгоҳи автобус ба санге чашм дӯхта нишаста буд. Баъзеҳо ба тарафи вай нигоҳ мекарданд – ришаш натарошида, намудаш нобоварона, либос ва пойафзолаш на он қадар хуб буданд. Мард ба онҳо аҳамият намедод, вай тамоми ҳаёти гузаштаи худро такрор ба такрор ба ёд меовард. Акнун ӯ оворагарди гуруснае набуд, ки шабҳоро дар зери кӯпруки роҳи оҳан мегузаронд – балки марде буд, ки бист сол пеш дар кӯчаи дур дар хонаи хурди хиштӣ мезист. Эҳтимол ҳоло ин хонаро вайрон кардаанд.

Мард беихтиёр китфашро ҷунбонд. Хотираҳо ба вай бисёр таъсир карданд.

Ҳоло вай воқеаҳоеро ба ёд овард, ки даҳ сол пеш рӯй дода буданд. Писарак акнун дар хонаи падару модар намезист, ва хеле кам ба хабаргирии онҳо меомад. Вай калон шуд, кор ёфт, ва дӯстони бисёр дошт. Вай дар назди падару модар дилтанг мешуд. Дар тарабхонаҳо ҳамроҳи дӯстон хеле шавқовартар буд.

Ӯ мехост хотираҳои ин давраи ҳаёти худро фаромӯш кунад. Вай намехост оиди он рӯзе фикр кунад, ки қарзҳои хурд то андозаи кӯҳи қарзҳо афзуд ва ӯ барои пул назди падару модар рафт. Ӯ медонист, ки падар пулро дар куҷо нигоҳ медорад. Ҳангоме ки падару модар аз хона баромаданд, ӯ миқдори даркории пулро гирифта, баромада рафт.

Ин бори охирин буд, ки мард падару модари худро медид. Баъд аз ин вай дигар ба хона барнагашт.





Мард ба маҳалли дигар кӯчида рафт. Падару модар дар бораи тақдири минбаъдаи писарашон, хусусан оиди маҳбусияш, чизе намедонистанд – писари онҳо зиндонӣ шуда буд...

Шабҳо дар ҳуҷра вай дар бораи онҳо бисёр фикр мекард. Баъзан, ҳангоме ки вай хобида наметавонист ва моҳ деворҳои ҳуҷраро равшан менамуд, ӯ орзу мекард: ҳамин ки озод шавам, дарҳол ба хона назди волидон меравам. Агар онҳо ҳанӯз зинда бошанд... Аммо оё акнун ман ба онҳо даркорам?

Ҳангоме ки ӯро озод карданд, ӯ дар шаҳр кор пайдо кард. Аммо ин шаҳр барояш бегона буд. Як қувваи номаълуме ӯро ба хона ҷалб мекард.

Ӯ ба хона бепул баргаштан намехост, бинобар ин қисми зиёди роҳро пиёда ва бо нақлиёти тасодуфӣ тай кард. То хона андаке роҳ монда буд, ҳамагӣ 30 километр. Он гоҳ ӯро тарс фаро гирифт. Умуман ӯ чӣ ҳақ дорад ба хонаи падару модар дарояд? Оё падару модар писари дӯстоштаашонро, ҳамонеро ки онҳоро ин гуна бераҳмона фиреб дод, хоҳанд шинохт?

Мард андаке хӯрок харид. Вай қарор дод, ки онро дар зери дарахт бихӯрад, ва муддати зиёд дар он ҷо монд. Мактубе ки бегоҳии гузашта ба қуттии почта партофт, хеле кӯтоҳ буд, агарчи ӯ онро дар тӯли якчанд соат навишт. Мактуб чунин анҷом меёфт:

*«Ман медонам, ки сазовори раҳму шафқати шумо нестам... аммо ба ҳар ҳол умед дорам. Шумо қарор кунед. Пагоҳии рӯзи панҷшанбе ман аз назди хонаи*

*шумо мегузарам. Агар хоҳед, ки ман назди шумо монам, ба тирезаи собиқ ҳуҷраи ман рӯймолчаи сафед бандед. Агар рӯймолча дар он овезон бошад, меоям, агар не – дастамро ба аломати хайрухуш ҷунбонда, ба ҷойҳои дигар меравам».*

Пагоҳии рӯзи панҷшанбе фаро расид. Ӯ ба кӯчаи шинос омад. Хона дар ҷояш буд. Аммо ӯ ҷуръат надошт, ки пештар равад, вай ҳанӯз дар ҷояш истода, ба сангҳои зери пояш менигарист.

Аммо аз имконияти ягона даст кашидан мумкин набуд. Шояд падару модар ба маҳалли дигар кӯчида рафта бошанд? Агар дар тиреза рӯймолчаи сафед набошад, вай ба хонаи ҳамсояҳо даромада, дар бораи падару модараш пурсуҷӯ мекунад ва барои ҳамеша меравад. Вай фикреро аз худ дур мекард, ки шояд падару модараш вайро дидан нахоҳанд.

Вай сарашро бардошт. Нимторикӣ кӯчаро ҳанӯз фаро гирифта буд. Вай оҳиста сӯи дарахти фарк рафт – аз ин ҷо вай метавонист хонаро аз наздик баръало бинад.

«То ба дарахт нарасам, нигоҳ намекунам», – қарор дод вай ва ба дарахт расида чашмонашро пӯшонд. Нафаси чуқур кашид ва оҳиста чашмонашро кушод. Акнун вай тамоми хонаро медид. Офтоб деворҳои хиштиро равшан кард... Дили вай сахт-сахт ба тапиш даромад. Дар ҳар як тиреза ҷойпӯшҳо, пардаҳо, рӯймолчаҳои сафед намоён буданд... Падару модар ба мактуби писар ҷавоб доданд.

Мард мегирист. Дилаш сахт мезад. Вай ба осто-





на наздик шуд – дар кушода буд.

Падари Осмонӣ моро дӯст медорад ва интизори мост, агарчи мо, фарзандони заминии Ӯ, аз Ӯ дур шуда дар торикӣ роҳгум зада будем.

## 2 Овоз дар торикӣ

– Оё ту боварӣ дорӣ, ки аз танҳо ба хона баргаштан наметарсӣ, Раъно? Ман аз Парвиз хоҳиш мекунам, ки туро пешвоз гирад, – гуфт модар.

– Не, даркор нест, – ҷавоб дод духтарак.

Одатан вай бо мошини падараш ба хона бармегашт – ӯ ронанда буд ва кораш баробари анҷомёбии дарсҳои мактаб ба охир мерасид. Аммо ин бегоҳ падар корҳои бисёр дошт. Раъно кайҳо ин рӯзро бо тарс интизор буд. Вай медонист, ки ҳангоми анҷом ёфтани дарсҳо кӯча торик мешавад. Вай беш аз ҳама аз он метарсид, ки бегоҳии торик ба хона баргардад. Дарахтони баланди атроф бегоҳиҳои пуршамол садоҳои даҳшатовар мебароварданд.

Аммо фикри он ки додараш Парвиз ба пешвозаш мебарояд, аз тарс қавитар буд. Парвиз аз ҳеҷ чиз наметарсид. Вай ҳамеша Раъноро барои он мазоҳ мекард, ки вай аз ғукҳо, қозҳо, говҳо ва дигар ҳайвонот метарсид. «Агар Парвиз бинад, ки ман аз дарахтони шабҳангом низ метарсам, инро то охири умрам ба ман ёдрас мекунад!» – фикр мекард вай.

Фикрҳо оиди ба хона бозгаштан тамоми рӯз

вайро азоб медоданд ва Раъно диққаташро ба дарс нигаронида наметавонист. Дар баробари ин, обу ҳаво низ, ки пагоҳӣ офтобӣ буд, бад шудан гирифт – дар осмон абрҳои вазнини сиёҳ шино мекарданд. Шамоли сахт мевазид.

Соати севуним дар синф чароғҳоро даргиронданд: кӯча зуд торик шудан гирифт. Шамол сахттар мешуд.

–Ҳамаи онҳое ки дар машқи такрории саҳначаи “Маликаи барфӣ” иштирок мекунанд, бояд андаке биистанд! – гуфт муаллим.

Дили Раъно қариб аз кор монд. Ин маънои онро дорад, ки вай боз дертар ба хона бармегардад. Ана тамоман торик шуд. Бисёрии талабагон мешитобиданд, то ки пеш аз саршавии борон ба хона раванд.

Ҳангоме ки Раъно аз мактаб баромад, борон meборид. Фонусҳои кӯча нурпошӣ мекарданд. Одамон ба хонаҳои худ мешитобиданд. Раъно низ мешитобид. Аммо ана вай бозистод: дар ин ҷо ба кӯчаи беодам тоб хӯрдан даркор аст. Шохаҳои дарахтони ин кӯча ба ҳам часпида, роҳро ба туннел монанд мекарданд.

Вайро тарс фаро гирифт. Акнун вай ҳазлҳои нешдори бародарашро аз тай кардани чунин роҳ беҳтар медонист. Ба назараш чунин метофт, ки бадкирдорон дар паси дарахтон пинҳон шуда, тайёранд ба вай ҳуҷум кунанд. Раъно бо тарсу ҳароси худ мубориза мебурд.

Баногоҳ вай овози шиносеро шунид:





–Ин туӣ, Раъно? Дили Раъно ором гирифт. Вай пеш давида, дасти падарашро гирифт.

–Аҳволат чӣ тавр, духтарам? – пурсид падар. – Ҳамааш хуб?

–Ҳа, – пичиррос зад Раъно. – Ман гумон кардам, ки шумо ҳанӯз дар кор ҳастед.

Корҳоямро барвақттар тамом карда, ба хона омадам, аммо ту набудӣ. Фаҳмидам, ки ту дар мактаб андармон шудаӣ. Инак ба пешвозат баромадам.

Онҳо ба хона шитофтанд ва Раъно аллакай аз шамоли сахт, торикӣ, борон парво надошт. Вай хурсандона оиди корҳои мактаб, оиди саҳнача нақл мекард. Дар назди падар вай одамони ҳайбатноки паси дарахтонро фаромӯш кард.

Баъди марги Исо шогирдон се рӯз танҳо зистанд. Марг ба онҳо таҳдид мекард. Онҳо дар тарсу ҳарос буданд. Аммо Исои зиндашуда назди онҳо бозгашт! Ӯ маргро шикаст дода, исбот кард, ки метавонад моро низ аз марг сӯи ҳаёти абадӣ барад.

## *3 Аз сафед сафедтар*

Оиша дар як деҳа мезист. Шавҳари вай бузҳои бисёр ва якчанд модагов дошт. Онҳо аз бисёрии ҳамсоягон бештар сарватманд буданд. Бисёрии сокинони деҳа дар хонаҳои хасин мезистанд. Онҳо обро аз як чоҳ мегирифтанд. Либосҳоро дар дарё мешустанд.

Хонаи Оиша аз семент сохта шуда буд, он ҷо плитаи газ буд. Оиша либосро на дар дарё, балки дар хона мешуст ва аз ин фахр мекард ва хушнуд буд. Қариб ҳама чизҳои вай аз чизҳои занони дигар беҳтар буд.

Дар яке аз рӯзҳои хунуки зимистон Оиша аз бозор харид карда, ба хона бармегашт. Вай ҳама чизеро, ки барои оилааш даркор буд, харид, аз ҷумла хокаи ҷомашӯиро – занони дигар либосро бо собун мешустанд. Оиша шод буд, ки либосҳои кӯдакони вай аз либосҳои кӯдакони ҳамсоя тозатар мешаванд. Вай мебоист либосҳои бисёреро мешуст.

Пагоҳии рӯзи дигар вай барвақт аз хоб хеста, обро барои ҷомашӯӣ гарм кард. Вай либосҳоро зуд мешуст. Ба зудӣ ҳамаи либосҳо дар тор овезон карда шуданд – тоза ва ин ба ҳама намоён буд. Оиша қаноатманд буд. Либосҳои сафеди ҳамсоя дар муқоиса бо либосҳои шустаи вай кӯҳна ва зард метофтанд.

Обу ҳаво хунуктар мешуд. Либосҳо ҳатто то бегоҳ хушк нашуданд. Оиша қарор дод, ки онро то пагоҳ гузорад.

Пагоҳӣ офтоб нурпошӣ мекард. Оиша ба ғундоштани либос шитофт. Вай дарро кушода, аз ҳайрат шах шуда монд.

–Кӣ либосҳои маро ифлос кард? – дод зад вай.

Ногоҳ вай фаҳмид. Касе либосҳоро ифлос накарда буд. Фақат шабона барф, меҳмони камнамои ин маҳалҳо, борид ва ҳама чизҳои атроф сафед ва ҷилодор шуданд. Дар заминаи барфи сапсафед либосҳои сафеди шустаи вай хокистарранг метофтанд.





–Ҳа! Ана чӣ маъно дорад тозагии ман дар муқоиса бо тозагии илоҳӣ! – гуфт Оиша ҳангоме ки либосҳоро меғундошт.

## 4 Сурати шоҳ

Ҷаноби Ҳэг, ки он вақт писарбача буд, бори аввал саворагонро дид – онҳо сарбозони Кромвел буданд. Онҳо бо мӯйсари кӯтоҳи худ фарқ мекарданд, намуди онҳо бераҳмона буд.

Соли 1649 буд. Аз он рӯзе ки ҷаноби Ҳэги хурдсол хабари дар Уайтҳолл кушта шудани шоҳ Чарлзро шунид, барои ӯ ва оилааш замонҳои душвор фаро расиданд. Писари шоҳ пинҳон шуда буд. Ҳангоме ки ҷаноби Ҳэг инро фаҳмид – ӯ он вақт 13-сола буд. Писарак фикр кард: «Шояд на ҳама чиз аз даст рафтааст? Ягон вақт давраи осудагӣ фаро мерасад». Ӯ фикр кард, ки шоҳзода шояд ҳоло дар вазъияти хеле бад аст – ӯ дар шоҳигарии худ маҷбур аст пинҳон шавад. Ҳэг ҳатто диққати худро ба омӯзиш равона карда наметавонист ва муаллим ба падараш шикоят намуд, ки бачааш танбал шудааст. Падар ваъда дод, ки ӯро ҷазо медиҳад. Он гоҳ Ҳэги хурдсол сирри худро ба вай ошкор кард:

–Падар! Мо бояд барои шоҳзода паноҳгоҳе ёбем! Аз эҳтимол дур нест, ки ӯ ба хонаи мо биёяд.

Падар фаҳмид, ки чаро писараш омӯзишро тарк кардааст. Вай маҳзунона гуфт:

– Писарам! Бигузор Худо ба шоҳзода ёрӣ диҳад ва моро аз ин гуна меҳмон дар паноҳаш нигоҳ дорад... Магар ту мехоҳӣ, ки ин ғоратгарон моро қатл кунанд? Охир онҳо медонанд, ки мо тарафдорони шоҳ ҳастем. Ин фикрҳоро дур кун ва бо омӯзиш машғул шав.

Ҳэг дигар дар ин бора гап намезад. Падар баъди ин гуфтугӯ хеле дигаргун шуд – мӯйсарашро кӯтоҳ кард, либосҳои гаронбаҳои худро пинҳон намуд ва ба писараш низ маслиҳат дод, ки ҳамин тавр кунад.

Агарчи онҳо дигар оиди шоҳ гап намезаданд, писар наметавонист ӯро фаромӯш кунад ва дар ҳуҷраи худ барои шоҳзода як даста ҷойпӯши тозаро пинҳон карда монд. Ӯ ба девор сурати шоҳ Чарлзи Якумро овезон кард. Сурат хеле хуб буд ва ба асл хеле монандӣ дошт. Писарак фикр мекард, ки ҳангоме шоҳзода меояд, сурати падари худро дида, шод мешавад. Шоҳзода наомад, аммо шӯришгарон омаданд. Ҳэг ба хона давид. Вақт кам буд, зеро саворагон ӯро дида, аз пасаш асп тозонданд. Писарак дар ҳамон лаҳзае ба хона давида омад, ки таъқибкунандагон аспҳои худро нигоҳ доштанд. Аммо онҳо мебоист аз аспҳо мефаромаданд, бинобар ин ӯ аз онҳо пештар даромад.

– Падар, онҳо омаданд! – нидо кард вай. – Онҳо кофтуков карда, туро истинтоқ мекунанд!

– Ба модарат гӯй, то ҳамаи чизҳоеро, ки далели





тарафдори шоҳ будани мо шуда метавонад, пинҳон кунад, – ҷавоб дод падар. – Ба вай ёрӣ деҳ, зуд!

Ҳэг ин корҳоро кард ва фаҳмид, ки меҳмонони нохонда ҳуҷраи ӯро низ кофтуков карда метавонанд.

– Охир, дар он ҷо сурат аст! – ба ёд овард ӯ. – Ман дигар фурсате надорам, ки онро пинҳон кунам! Вай дар рӯи миз лавҳачаи рассомии худро дид – вай бо рассомӣ машғул мешуд. Ҷаноби наврас мӯқаламро гирифта, ба сурат рангҳо молид. Ба рӯй ранги сурх, ба мантия – сабз ва ба замина ранги зард молид. Ҳангоме ки шӯришгарон чизе наёфта, рафтанд, ӯ суратро ба падараш дод ва вай онро дар ҷевон пинҳон кард.

Он сесад сол дар ҷевон хобид.

Оилаи Ҳэгҳо ва авлодонашон тамоми ин муддат ба оилаи шоҳ ба таври бояду шояд хизмат мекарданд. Ба қарибӣ яке аз авлодони ҷаноби Ҳэг ин суратро ёфт. Вай сураткаширо дӯст медошт ва дарҳол пай бурд, ки ин амали рассоми қадимист, аммо фаҳмида натавонист, ки дар он чӣ акс ёфтааст. Боре як коллексионери машҳур ба боздиди ӯ омад. Онҳо амали рассомони замонҳои гуногунро аз назар гузаронда, оиди нархҳо маслиҳат мекарданд. Он гоҳ коллексионер дар девор ин сурати фаромӯшшударо дида монд. Вай ба болои курсӣ баромад, то ки онро беҳтар дида тавонад.

– Ман ин суратро ба ташхиси гирифта метавонам? – пурсид вай.

–Марҳамат. Он тақрибан 300 сола аст. Аммо ман таърихи онро намедонам, – ҷавоб дод соҳиби сурат.

Бегоҳии ҳамон рӯз коллексионер ба таъмири сурат оғоз намуд. Вай бо ёрии моддаҳои кимиёӣ қабати рангеро, ки замоне ҷаноби Ҳэги наврас молида буд, ҷудо кард. Пеши назари вай тасвири шоҳ ҷилвагар шуд – гӯё онро худи ҳозир бо рангҳои равшан ва тоза кашида бошанд.

Ҳангоме ки Рӯҳи Пок ба дили мо меояд, бадани мо хонаи поки Ӯ мегардад. Дар баъзе вазъиятҳо мо фаромӯш мекунем, ки Масеҳ дар мо зиндагӣ мекунад. Беэҳтиромӣ ба дигарон, рафторҳои ноинсофона, тарзи зиндагии нохуб — ҳамаи ин дар мо тобишҳои хислати Исоро пинҳон мекунад.

## *5 Шайх ал-Ронӣ*

Шайхи араб Ал-Ронӣ дар паси миз дар толори боҳашамат нишаста буд. Пеши назари ӯ манзараи зебои боғи пур аз гулҳо кушода мешуд.

Шайх заминҳои фарох ва бисёр моликияти дигар дошт; вай хеле сарватманд буд. Дар рӯи мизаш коғазҳои бисёр буданд – даромад ва хароҷотҳои мулки ӯ. Дар паси мизи ҳамсоя котибаш коғазҳоро зуд аз назар мегузаронд.

Нигоҳи шайхро фаҳмидан душвор буд. Ӯ гоҳ коғазҳоро мехонд, гоҳ ба тиреза нигариста, дар берун писарчаашро, ки бозӣ мекард, медид. Ӯ





писарчаашро Хуршед, яъне Офтобак меномид. Вай мояи хурсандии падар ва ягона ворисси сарвати зиёди ӯ буд. Писарчаи сиёҳмӯй дар таги тиреза бозӣ мекард, ва хандаи вай диққати падарро ба худ ҷалб карда, ӯро аз фикру андешаҳои рӯзғор ба олами хурсандии оддии кӯдакона мебурд. Шайх Ал-Ронӣ саҳифаҳои ҳисоботҳоро бе диққат варақ мезад. Бегоҳӣ мебоист меҳмонони боэътибор меомаданд, аммо ҳамсараш ба хонаи волидонаш ба арӯсии хоҳараш рафта буд! Аммо ҳеҷ гап не! Дар хона бисёр хизматгорони хуб буданд. Шайх тугмаи зангро зер кард, ва ба ҳуҷра вакили хоҷагӣ бесадо ворид шуд.

–Абдулло ва ошпазро ҷеғ зан.

Ба зудӣ хизматгор ва ошпаз дар назди хӯҷаин ҳозир шуданд.

Абдулло фармон гирифт, ки аз бозор ҳама чизи барои зиёфати бошукӯҳ даркориро харида оварад. Вай таъзим кард ва рафт. Ошпаз низ оиди зиёфат дастурҳо гирифта берун шуд.

–Боғбонро ҷеғ зан.

Боғбон омад. Хӯҷаин ба вай вазифа дод – барои дастархони идона гулҳо ва меваҳои беҳтаринро ҷамъоварӣ кунад. Вай мебоист боз якчанд мактуб менавишт, оиди вохӯриҳо маслиҳат мекард, ба хизматгорон дастурҳо медод. Онҳо назди шайх омада, фармон мегирифтанд ва зуд аз пайи иҷрои кори худ мешуданд.

Ал-Ронӣ кофеи сиёҳ менӯшид ва аз назди мизи худ дур намешуд. Барои ин зарурате набуд.

Кифоят аст, ки фармон диҳад, ва ҳар як дастури ӯ иҷро мегардад.

Банохост аз боғ садои гиря шунида шуд.

Шайх аз паси миз ҷаста хест ва сӯи тиреза шитофт. Писарчааш аз дарахт афтид ва пояшро дошта, аз шиддати дард наметавонист аз ҷояш хезад.

Шайх тугмачаро зер накард ва хизматгоронро ҷеғ назад. Ӯ худ ба боғ давид. Ӯ аз назди котиб ва вакили хоҷагӣ, аз назди боғбон ва ошпаз давида гузашт...

– Инак меоям, писаракам! Ман ин ҷоям!

Падар кӯдакро тавре бардошт, ки пои баромадааш дард накунад. Вай писарчаро бо эҳтиёт мебурд ва пайхас намекард, ки пойафзоли кӯдак либоси сафеди қиматбаҳои ӯро ифлос мекунад. Падар писарашро бардошта мебурд. Ҳеҷ чизи дигар аҳамияте надошт.

Худо, Офаридгор, хизматгорони бисёр дорад – фариштагон. Аммо Ӯ фариштаҳоро нафиристод, балки Худ дар шахси Исои Масеҳ ба замин омад, то ки моро аз гуноҳҳо ва аз ҳалокат наҷот диҳад, барои ҳаёти ҷовидона. Исо гуфт: «Касе ки Маро дидааст, Падарро дидааст».

## *6 Пайраҳаи мамнӯъ*

Манижа дар маркази шаҳри калон мезист. Бинобар ин вай хеле шод буд, ҳангоме модар боре пагоҳӣ гуфт:





– Дугонаи ман, Фарзона-хола, дача харидааст, ва рӯзи шанбе моро даъват кардааст. Вай боғи хуб дорад, ва то даме ки ману вай сӯҳбат мекунем, ту метавонӣ онро тамошо кунӣ.

Рӯзи шанбе равшану офтобӣ буд. Манижа ҳамроҳи модараш аз шаҳр бо автобус омад. Манижа ба киштзорҳо ва дарахтоне ки аз пеши назар давида мегузаштанд, менигарист.

Ниҳоят онҳо омаданд. Манижа боадабона ба соҳибхоназан салом гуфт. Тамоми диққати вай ба боғ нигаронида шуда буд. Он чун биҳишт буд. Модар механдид.

– Хонаи шумо ба Манижаҷон маъқул шудааст, вай хеле кам аз шаҳр берун меравад. Оё мумкин аст, ки вай боғатонро тамошо кунад?

– Албатта, – гуфт Фарзона-хола, – ба ҳар ҷое ки дилат кашад, бирав... фақат бо пайраҳае ки аз назди буттаҳо мегузарад, нарав, зеро... аа-аа – ана Хайбар ҳам омад! Шин, Хайбар! Шин! Хайбар саги хуб аст, аммо як одате дорад – пойҳои пешашро ба рӯи миз мегузорад. Хайбар бо ту меравад, Манижа. Ҳангоми чойнӯшӣ ман туро ҷеғ мезанам.

Модар ва хола ба хона даромаданд, Манижа бошад ҳамроҳи Хайбар аз боғ гузашта, сӯи дарё равона шуданд. Баъди ним соат онҳо сар то по ифлос, аммо хурсанд давида омаданд.

Манижа ба пайраҳа нигариста аз худ пурсид: «Чаро Фарзона-хола иҷозат намедиҳад, ки бо ин пайраҳа равам? Наход вай гумон мекунад, ки ман ҳамаи себҳояшро мехӯрам? Албатта, намехӯрам,

ана занаки аҷиб!»

Манижа боз дар боғ сайр кард ва пай бурд, ки боз дар ҳамон пайраҳа истодааст.

– Мехоҳам донам, шояд дар он ҷо ягон сирр ва ё ҳайвони ғайриоддӣ бошад? Ман фақат қадам мезанам, ягон воқеае рух намедиҳад!

Манижа оҳиста бо пайраҳа равон шуд. Хайбар ғуррос зад. Пайраҳа, чуноне ки вай тахмин карда буд, сӯи дарахтони себ мебурд. Дар боғи себзор чӣ чизи ниҳонӣ ва ё хатарнок буда метавонад? Вай фақат то дарахтон меравад ва – тозон бармегардад.

Хайбар вайро аз куртааш кашида боздоштанӣ шуд, аммо натавонист.

«Дар ин ҷо ягон чизи махсус нест-ку», – ба дарахти себ наздик шуда фикр кард вай. Манижа ба боло нигарист.

– Ҷои зебоманзар. Аҷиб... не... ёрӣ диҳед, ёрӣ диҳед!

Вай занбӯрхонаи калони дар дарахт бударо надида монд ва мӯйҳояш ба он расиданд. Занбӯрҳо хашмгин шуданд ва бар болои сараш парвоз карда, аз пасаш афтиданд. Манижа фақат ба шарофати Хайбар саломат монд. Хайбар аз паси вай давида, чунон баланд аккос мезад, ки занбӯрҳо бештар ба вай аҳамият доданд. Хола ва модар доду фарёдро шунида, сӯи тиреза шитофтанд.

– Оҳ не! – ранги хола парид. – Занбӯрҳо! Охир, ман вайро огоҳ карда будам-ку...

Аммо модар аллакай намешунид, ки чӣ кор кардан мумкин аст ва чӣ мумкин нест. Вай сӯи дар давид ва дарро барои духтараш кушод.





– Ин ҷо давида биё, Манижа! – ҷеғ зад модар. – Зуд назди ман давида биё!

Манижа ба хона давида даромад. Занбӯр ба дасти модар нишаста, неш зад. Баъд он пеши пойҳои духтарак афтид.

– Он маро низ мегазад! – фарёд мекард Манижа. Не, ин ғайриимкон аст, натарс! – гуфт модар. – Ба дасти ман нигар, ана неш. Он дигар неш намезанад. Ҳамааш паси сар шуд, аммо бори дигар кори манъшударо накун.

Хола дасти модарро бо спирт молиш дод. Манижа хомӯш буд. Ҳангоми хӯроки шом вай дар назди дастархон то ҳадди имкон ба модар наздик нишаста буд, аммо тамоми бегоҳ чизе нагуфт, то даме ки модар ба вай хоби хуш орзу намуд.

– Маро бубахшед, очаҷон, ман дигар ҳеҷ гоҳ ин тавр намекунам. Занбӯр мебоист на шуморо, балки маро мегазид, магар не?

– Рост, – гуфт модар. – Аммо ман шодам, ки маҳз ҳамин тавр шуд.

– Чаро? – ҳайрон шуд Манижа.

– Чунки ман туро дӯст медорам. Акнун рафта хоб кун!

Исо гуноҳи моро ба дӯши Худ гирифт ва музди онро дар салиби Ҷолҷолто пардохт намуд. Захмҳои Ӯ далели муҳаббати беандоза ба ту мебошанд.

# 7 Паррандаҳои сафед

Замоне ман оиди одаме хонда будам, ки чунин хоб дидааст. Вай фариштаеро дид, ки ӯро даъват кард, то ҳамроҳаш ба ҷамоат равад. Он ҷо панҷ кас буданд, онҳо дуо мекарданд. Дар назди ҳар кадоме паррандаи сафед нишаста буд.

– Бубин, ки ин одамон чӣ гуна дуо мекунанд, – гуфт фаришта, – ва бубин ки бо паррандаҳо чӣ мешавад.

Дар назди хараки қатори пеш зани хушлибосе ба зону истода дуо мекард. Вай намуди хоксорона дошт, суханон гӯё аз лабонаш парвоз карда мебаромаданд. Паррандаи сафеди вай калонтар ва сафедтар буд. Аммо ҳарчанд ки зан дуо мекард, парранда наҷунбид.

– Ба парранда даст расон, – гуфт фаришта. Шахс бо эҳтиёт даст расонд ва зуд дасташро пас кашид. – Шояд вай мурда бошад?

– Ҳа, – ҷавоб дод фаришта маҳзунона. – он қариб мурда аст. Ин зан аз хурдсолӣ ба ҷамоат меояд. Вай либоси беҳтарин мепӯшад ва бисёр дуоҳои азёдшударо медонад. Суханони вай зебоянд, аммо вай ба онҳо маънои зинда намедиҳад. Вай аз ин ҷо рафта, ҳамаи он чиро ки дар ин ҷо гуфта буд, фаромӯш мекунад.

Шахс назди каси дигар омад. Аён буд, ки ин кас бо имон дуо мекунад. Паррандаи сафеди назди вай болҳояшро кушода, ба боло парвоз кард.

Он кас дид, ки ҷамоат бом надорад. Парранда





сӯи абрҳо парвоз кард.

Аммо ногоҳ рӯйю ранги мард дигаргун шуд. Паррандаи сафед аз баландӣ ба фарш афтид – он мурда буд.

– Ҳангоми дуо ӯ ба ёд овард, – гуфт фаришта, – ки ӯро ранҷонда буданд. Дили ӯ аз бадбинӣ пур шуд. Ӯ намехоҳад фаромӯш кунад ва бахшад.

Он кас назди шахси сеюм омад. Пиразан ба девор такя карда буд. Дар рухсораҳояш пайи ашкҳо намоёнанд. Вай дуо мекард ва паррандаи сафеди вай ба ҳаво баланд шуд, аммо афтид. Боз баланд шуд ва боз афтид. Андаке монда буд, ки афтида пора-пора шавад, аммо ба ҳар ҳол қувват гирифта, хеле баланд ба осмон парвоз кард ва аз назар нопадид шуд.

Фаришта табассум кард:

– Ин зан ғами беандоза дорад. Вай қуввате надошт, ки бовар кунад. Вай гумон мекард, ки Худованд вайро тарк кардааст ва дигар дӯст намедорад. Аммо вай оиди шубҳаҳояш ба Худо гуфт. Ва имони вай мустаҳкам шуд! Дуои вай сӯи Худо парвоз кард. Худи Ӯ поин омад. То ки ба вай ёрмандӣ кунад. Нигар! Пиразан табассум мекунад.

Шахси чорум оворагард метобид ва дар назди вай паррандаи хурде меистод, ки аз ифлосӣ хокистарранг метобид. Чунин ба назар мерасид, ки вай ҳеҷ гоҳ ба осмон парвоз карда наметавонад. Он шахс чизе намегуфт. Вай хаста шуда буд. Аммо болҳои беқуввати парранда ба ҳар ҳол онро бардоштанд.

Ҳангоме ки он аз ҷамоат парвоз карда баромад, болҳояш дар партави офтоб медурахшиданд. Ва фаришта шод шуд.

– Ин шахс тамоман дуо карда наметавонист. Вай ҳеҷ гоҳ ин корро накарда буд. Аммо гуноҳ ҷони вайро азоб медиҳад. Ва вай бахшиш ва наҷот металабад. Ва ба Худованд муроҷиат кард ва Ӯ вайро бахшид. Маҳз дар ҳамин лаҳза фариштаҳо шодӣ мекунанд – гуноҳкор ба хона баргашт!

Шахси охирин писараке буд. Дар назди ӯ паррандаи хурде нишаста буд. Кӯдак дастонашро ба рӯи сина гузошт.

– Маро бубахш, ки хоҳарамро мезадам, бадрафторӣ мекардам. Исо ба модарам шифо деҳ – ӯ бемор аст. Ба ман дар мактаб ёрӣ деҳ.

Боз кӯдак Худоро барои тӯби нави футбол шукргузорӣ мекард. Парранда рост ба боло парвоз карда, хурсандона нағмасарой намуд. Писарак бошад ба кӯча давида баромад ва ба хона шитофт, то ки бо ҷӯраҳояш футболбозӣ кунад. Дар роҳ вай ногоҳ бозистод ва рост ба чашмони фаришта нигарист.

Ҳар кас ба таври худ дуо мекунад. Барои Худо фарқ надорад, ки ту чӣ гуна дуо мекунӣ, истодаӣ ё роҳ меравӣ. Барои Ӯ он чизе ки дар дили туст, аҳамият дорад.

## *8 Автобус наистод*

– Бархез, Зулфия, мо бояд равем, офтоб аллакай аз кӯҳҳо болотар шудааст!





Зулфия аз кат бархост. Вай ва Мэри шабро дар деҳа гузарониданд. Онҳо ҳар рӯзи сешанбе ба ин деҳа омада, дору тақсим мекарданд ва ба ҳамаи хоҳишмандон оиди Хушхабар нақл менамуданд. Ин бегоҳиҳои рӯҳониро онҳо дар хонаи Менана, зане ки Мэри ӯро ҳангоми сафари якумаш вохӯрда буд, мегузарониданд. Ҳар бегоҳии шанбе баъди рӯзи корӣ хона аз сокинони деҳа пур мешуд. Баъзеҳо барои гирифтани дору меомаданд. Аммо бисёр касон дар ин ҷо монда, Каломи Худоро гӯш мекарданд. Баъзан сӯҳбатҳо то баъди ними шаб давом мекарданд. Он пагоҳии баҳор онҳо чун ҳарвақта ба роҳ баромаданд. Шамоли суст мевазид. Дар атроф киштзорҳои пахта буданд. Чунин метобид, ки ҳаво гарм мешавад. Ҳар қадаре ки онҳо барвақттар рафта расанд, ҳамон қадар беҳтар аст. Ҳангоме ки онҳо ба роҳи калон баромаданд, диданд, ки автобуси пур аз одамони деҳотӣ меояд. Онҳо бо душворӣ ба он савор шуданд.

Чорраҳае ки онҳо одатан дар он ҷо мефаромаданд, наздик мешуд. Аз он ҷо то хона ҳамагӣ чор километр буд.

– Илтимос, бозистед, – хоҳиш кард Зулфия.

– Не, намеистам, – ҷавоб дод ронанда. – Ин ҷои номувофиқ аст, дар он ҷо чорраҳаи дуюм ҳаст. Пиёда меравед.

– Аммо он ҷо водӣ аст! Аз он ҷо то деҳа расидан вақти бисёреро мегирад. Хоҳиш мекунам, бозистед, - илтимос кард Мэри.

Вай дар дилаш дуо мекард: «Худовандо, лутфан

ӯро боздор!» Аммо ронанда фикраш дигаргун накард, ва ба духтарон лозим омад, ки чорраҳаи дуюмро интизор шаванд.

– Босабр бош, – гуфт Зулфия, – охир мо пагоҳӣ дуо кардем, ҳамааш хуб мешавад.

Аммо Мэри ором шуда наметавонист. То хона масофа дур буд, ва ҳеҷ мошине намудор набуд. Ҳаво гармтар мешуд. Онҳо пайхас накарданд, ки зане ба онҳо наздик шуд. Вай ба Мэри менигарист, аммо сӯи Зулфия мерафт.

– Оё ҳамин кас одамонро табобат мекунад? – пурсид вай бо лаҳҷаи маҳаллӣ.

– Ҳа, хоҳар, – ҷавоб дод Зулфия.

– Ман бо вай гап задан мехоҳам, – гуфт зан.

Вай деҳотии сиёҳчашм ва боқувват буд. Дар гарданаш барои ҳимоя аз қувваҳои бад тӯморҳо овезон буданд. Вай ба Мэри наздик шуд ва фақат акнун дугонаҳо диданд, ки дар дасти вай чизе ҳаст. Ин кӯдак буд. Дарҳол пай бурдан мумкин буд, ки ӯ хеле бемор аст. Модар магасҳоро аз рӯи варамидаи ӯ меронд.

– Кай боз ӯ бемор аст? – пурсид Мэри.

– Чор рӯз шуд. Ӯ рӯ ба девор мехобад ва ҳеҷ чиз хӯрдан намехоҳад.

– Шумо чӣ гуна донистед, ки маро дар ин ҷо вомехӯред? – пурсид Мэри.

– Дирӯз бегоҳӣ ман дидам, ки ҳолати кӯдак бад мешавад. Табаш баланд шуд. Ман бо дили ғамгин хобидам ва дар хоб дидам, ки марди сафедпӯше ба





ман мегӯяд: «Кӯдакро ба духтури хориҷӣ нишон деҳ». Ман пурсидам: «Ман духтурро чӣ гуна ёбам, вай дар куҷо зиндагӣ мекунад?» Мард ҷавоб дод: «Баробари баромадани офтоб бархез ва ба водӣ, ба чорраҳа рав. Ту ӯро дар он ҷо мебинӣ. Ӯ туро интизор аст. Ӯ ба ту мегӯяд, ки чӣ кор кунӣ». Инак ман омадам.

Онҳо ҳамроҳ сӯи деҳа равон шуданд. Пас аз чанде дар роҳ мошин пайдо шуд ва ронандаи дилсӯз онҳоро то хона бурд. Зан бо кӯдакаш то бегоҳ ҳамроҳи онҳо монд. Мэри ба кӯдак дору дод ва ба зудӣ аҳволаш беҳтар шуд. Бегоҳӣ Мэри ва Зулфия занро бо кӯдакаш гусел карданд. Мэри ваъда дод, ки рӯзи шанбе барои хабаргирии кӯдак меояд. Кӯдак сиҳат шуд. Рӯзи шанбе Мэри ба ин оила ва ба тамоми деҳа оиди Масеҳ нақл мекард. Оиди муҳаббати Наҷотдиҳанда сухан ронда, вай Худоро барои он шукр мегуфт, ки ҳангоме ӯ аз ронанда хоҳиши бозистодан кард, Ӯ ба ин роҳ надод.

Шубҳа накун – Худо дуоҳои туро мешунавад. Ва агар Ӯ дарҳол ҷавоб надиҳад, пас Ӯ барои ин сабаби муҳим дорад. Дар Инҷили Юҳанно, боби 11, ҳикоя оиди Лаъзор ҳаст. Хоҳарон мехостанд, ки Исо дарҳол ба ёрӣ биёяд. Аммо Ӯ чор рӯз интизор шуд ва аз шифо додани одами зинда дида чизи мӯъҷизаноктареро ба одамон нишон дод. Баъд аз ин бисёриҳо ба Ӯ бовар карданд.

## 9 Рӯшноии рахшонтарин

Ба монанди ҳамаи чӯпонон дар кӯҳистон, Микоил мебоист бисёр кор мекард. Пагоҳиҳо ӯ гӯсфандонро ба кӯҳсор меронд, тамоми рӯз онҳоро дар он ҷо нигаҳбонӣ мекард ва бегоҳӣ ба хона меронд. Писарак тамоми бачагии худро ҳамин тавр гузаронд ва агар воқеае рух намедод, шояд тамоми умраш ҳамин тавр мегузашт.

Рӯз ба монанди рӯзҳои дигар сар шуд. Обу ҳаво хуб буд, гӯсфандон оромона дар алафзор мечариданд. Ногоҳ Микоил дид, ки дар байни буттаҳо чизе ҷило медиҳад. Вай наздиктар омад, то бубинад, ки ин чист. Предмети аҷиброро дида, ба он даст расонд... ва дигар ҳеҷ чизро дар ёд надошт.

Чизи дигаре ки вай ҳис кард – дард, торикӣ ва овозҳои одамон буд. Аммо ҳамеша дард ва торикӣ.

Ҳангоме ки вай ба худ омад, фаҳмид, ки дар беморхона хобидааст. Тадриҷан вай дарк кард, ки то охири умр нобино мемонад. Асбоби тарканда дасти рости ӯро низ канда буд, аммо ин ба андозаи нобиноӣ даҳшатовар наметофт. Писарак интизори марг шуд. Ҳангоме ки ӯро ба хона оварданд, ӯ рӯ ба девор мехобид: ӯ ба ҳеҷ чиз шавқ надошт.

Баъзе дӯстон ба хабаргирии Микоил меомаданд. Аммо ӯ бо онҳо гап задан намехост. Ҳеҷ кас шавқи ӯро бедор карда наметавонист, то даме ки ба хонаи онҳо ду зан ба меҳмонӣ омаданд.

– Мо ба Микоил дар мактаб барои нобиноён





ҷой пешниҳод карда метавонем. – Дар он ҷо кӯдакон хондан ва кор карданро меомӯзанд, бо ҳаёти пурмаъно таъмин ҳастанд.

Дар давоми сӯҳбат Микоил гап назад, аммо ҳамаи суханонро дар ёд нигоҳ дошт. Ҳамаи ин суханон барояш гапҳои беҳуда метофтанд. Чӣ гуна бачаи нобино метавонад хонданро ёд гирад ва хушбахт бошад? Бачагони нобино рӯ ба девор хобида, маргро интизор мешаванд. Онҳо дигар коре карда наметавонанд.

Меҳмонон рафтанд. Аммо ҳангоми хайрухуш кардан гуфтанд:

– Агар ӯ назди мо омадан хоҳад, мо барояш ҷой медиҳем.

Якчанд рӯз гузашт. Аҳли оила оиди мактаб чизе намегуфтанд. Аммо Микоил доимо оиди он фикр мекард. Ӯ ба хулосае омад, ки агар кӯшиши ба он ҷо дохил шудан кунад, чизеро бой намедиҳад. Ва баногоҳ волидонро бо хоҳише ҳайрон кард:

– Маро ба Бейрут, ба ин мактаб барои нобиноён баред! Ман дар он ҷо омӯхтан мехоҳам!

Падар писаракро ба шаҳри калон бурд. Онҳо аз кӯҳсор ба соҳили баҳр фаромаданд ва аз он ҷо ба шаҳр рафтанд. Дар он ҷо мактабро ёфтанд ва дари мудирро тақ-тақ карданд. Дар мактаб онҳоро аз толоре ки дар он ҷо дарс мерафт, гузаронданд. Падари Микоил кӯдакони нобиноро дида, ҳайрон шуд. Баъзеҳо аз химчаҳо сабад мебофтанд, дигарон китобҳои калонро мехонданд. Онҳо бо ёрии ангуштон тез мехонданд.

Мудири мактаб дар кабинети худ падарро бо шавқ гӯш кард. Ӯ ба Микоил, ки дар курсӣ нишаста буд, бо ҳамдардӣ менигарист. Аммо мақсади омадани онҳоро фаҳмида, мудир гуфт:

– Ин ғайриимкон аст. Шумо хеле дер омадед – ҳамаи ҷойҳо аллакай банд мебошанд.

Микоил аз курсӣ ҷаста хеста, гуфт:

– Шумо ваъда додед... ваъда додед! – ва гиря кард. Мудир розӣ шуд.

Ҳамин тавр Микоил ба ин мактаб дохил шуд. Ӯ аз рӯзи аввал бо тамоми ҷидду ҷаҳд ба омӯзиш сар кард. Писарак бо истифодаи алифбои Брайл хонданро ва бо дасти чап навиштанро ёд гирифт – бо ҳамон суръате ки биноён бо дасти рост менависанд.

Муаллимон Худоро барои он шукр мегуфтанд, ки Микоилро назди онҳо фиристод.

Баъди якчанд сол бачаҳо дар толори калон барои шунидани ҳикояҳои Китоби Муқаддас ҷамъ омаданд. Баъди хондан муаллим пурсид, ки оё ягон писарак оиди ҳаёти худ нақл кардан мехоҳад. Микоил аз ҷой бархоста гуфт:

– Мехоҳам Худоро барои он шукр гӯям, ки нобино ҳастам. Бе ин ман ҳеҷ гоҳ оиди Исои Масеҳ – оиди Нури тамоми ҷаҳон чизеро намедонистам.

## 10 Қадамҳо дар нимшабӣ

Хӯҷаин ба сафар баромаданӣ буд, ва ҳеҷ кас намедонист, ки вай ба куҷо меравад. Хизматгорон





бо ҳайрат байни худ пичир-пичир мекарданд. Хӯҷаин ҷавон ва муҷаррад буд, ва баъзеҳо мегуфтанд, ки вай барои хостгорӣ меравад. Дигарон мегуфтанд, ки вай бо корҳои тиҷорат ба хориҷа меравад – пашм, май ва ғаллаи вайро дар бисёр кишварҳо медонистанд. Фақат як чиз аниқ буд – хӯҷаин ба қарибӣ барнамегардад – вай ба вакили хоҷагӣ оиди ҷамъоварии ҳосил супоришҳо дод. Пас вай тамоми тобистон саёҳат карданист. Хӯҷаин аввали баҳор рафт. Хизматгорон ба дуродур асп давондани ӯро мушоҳида мекарданд. Онҳо намедонистанд, ки чӣ фикр кунанд. Хӯҷаин раҳмдил ва одил буд ва ҳама ӯро ҳурмат мекарданд, аммо ӯ дар масъалаи кор серталаб буд. Бинобар ин акнун баъзеҳо қарор доданд, ки сусттар кор кунанд. Вакили хоҷагӣ яке аз онҳо буд ва акнун барояш фарқ надошт, ки корҳо чӣ гуна ба иҷро мерасанд.

Фақат як хизматгор ашкҳояшро нигоҳ дошта, рафтани хӯҷаинро аз ҳама бештар мушоҳида намуд. Номи вай Фиделис буд. Вай ғуломи як заминдори бадхашм буд. Писарак аз субҳ то шом кор мекард, аммо аз нон бештар зарбаҳои қамчин мехӯрд. Боре хӯҷаини ҳозирааш ба ин хона омад ва китфони пур аз пайи шаллоқро дид. Вай бо андӯҳ ба чашмони писарак нигарист ва Фиделис дар чашмони он шахс ашкҳоро дид. Меҳмон дарҳол пешниҳоди харидани писаракро кард ва вайро бо нархи зиёд харид. Хӯҷаини нав бо эҳтиёт ба Фиделис ёрӣ дод, ки ба асп нишинад ва онҳо якҷоя ба работи ӯ равона шуданд. Писарак

хӯҷаинро дӯст дошт, ва мекӯшид ҳамеша чунон кор кунад, ки ӯ қаноатманд бошад. Дар мулки хӯҷаини худ кор кардан барои Фиделис шодӣ меовард. Фиделис медонист, ки ҳатто ҳангоми ғоиб будани хӯҷаин барои ӯ хизмат карда метавонад – ҳангоме ки ӯ бармегардад, мебинад, ки хона тоза аст ва сагҳои посбонӣ серанд... Вай остин барзада, чунон ба кор шурӯъ намуд, ки ошпаз хандид:

– Гӯё хӯҷаин ҳамин рӯз бармегашта бошад!

Вақт тез мегузашт. Коре карда пашми гӯсфандонро тарошиданд, ҳосилро ҷамъоварӣ карданд ва ангурро дар чархушт пахш карданд. Тобистон қариб мегузашт. Фиделис борҳо ба роҳ баромада, хӯҷаинро интизор мешуд. Ӯ ҳатман меояд! Фиделис дигар бо хизматгорони боқимонда дӯстӣ намекард. Ҳамаашон ҷанҷол мекарданд, доимо чизе барояшон маъқул набуд. Вакили хоҷагиро касе дар ҷои кор намедид. Мегуфтанд, ки вай ба хонаи хӯҷаин кӯчидааст ва бисёр майнӯшӣ мекунад. Барги дарахтон зард шуда, боронҳои тирамоҳӣ сар шуданд. Аммо хӯҷаин ҳанӯз наомада буд. Овозаҳо паҳн шуданд – мегуфтанд, ки хӯҷаин то баҳор барнамегардад, агар умуман баргардад. Мегуфтанд, ки роҳзанон ӯро куштаанд. Пас аз он ки майи нав тайёр шуд, мастигарӣ сар шуд. Ҳар гоҳе ки хоҳанд, кор мекарданд. Фақат Фиделис хӯҷаинро дар ёд дошт ва бо тамоми қувваташ кор мекард.

Дар яке аз чунин рӯзҳо вакили хоҷагӣ ҳамаро ба ҷашне даъват намуд, ки дар толори калони





хонаи хӯҷаин баргузор мегардад. Фиделис гумон кард, ки ин ҷашн ба шарафи бозгашти хӯҷаин аст. Вай ба мизҳое ки бар онҳо хӯрданиҳои бисёре буданд, менигарист. Дар кунҷҳо бочкаҳои май истода буданд. Ҳамаи ин аз анборҳои хӯҷаин оварда шуда буд. Вакили хоҷагӣ бархост ва бо қадаҳаш ба рӯи миз тақ-тақ кард. Вай гуфт:

– Ман аз одамони боваринок фаҳмидам, ки хӯҷаин ҳалок шудааст. Ҷашн ба шарафи ман баргузор мегардад – акнун ман ҳамаи он чиро, ки дар ин хона ҳаст, идора мекунам. Акнун ҳамаи шумо бояд ба ман итоат кунед ва ҳамчун хӯҷаин эҳтиром намоед!

Фиделис дар паси миз барои хизматгорони хурд нишаста буд ва ҳеҷ кас пай набурд, ки вай ба боғ назди дарвоза давида баромад. Вай ҳой-ҳой мегирист. Саги калони посбонӣ омад ва назди вай нишаст. Фақат ҳар дуи онҳо хӯҷаинро дӯст медоштанд ва ба ӯ вафодор монданд... Шӯру ғавғо дар толор торафт баландтар мешуд, ва хизматгорон бочкаҳои холиро яке аз паси дигар аз тиреза мепартофтанд. Фиделис худро ятим ҳис мекард. Вай бояд чӣ кунад? Вай ҳеҷ гоҳ наметавонад ба касе хизмат кунад, ки моликият ва манзили шахси дигарро ғасб намудааст. Ногоҳ саги калони посбонӣ сарашро бардошт. Фиделис фақат ғавғои мастигариро дар хона мешунид. Саг сахт аккос мезад. Фиделис сабаби нооромшудани сагро фаҳмид – акнун вай низ садои қадамҳои барояш шиносро шунид. Саг ба кӯча сӯи шахсе ки

назди аспи худ меистод, давид. Ва Фиделис ӯро мешинохт! Вай назди хӯҷаин давида рафт. Вай аз ҳаяҷон чизе гуфта наметавонист.

– Хомӯш, саги ман! – табассум кард хӯҷаин ва саг дум ҷунбонда, хомӯш шуд. Хӯҷаин ба чашмони Фиделис нигариста, фаҳмид, ки дар хона на ҳама чиз хуб аст. Ӯ хайрхоҳона пурсид:

– Аҷиб. Наход ғайр аз ту ҳеҷ кас ба пешвози ман набаромад? Дар хона чӣ шӯру ғавғост? Чаро толор чароғон аст? Дигарон дар куҷоянд?

– Онҳо ҷашн доранд, – пичиррос зад Фиделис. – Онҳо гумон доранд, ки шумо мурдаед.

Писарак ба санге нишаста, рӯяшро бо кафҳояш пинҳон кард. Хӯҷаин пурсид:

– Чаро ту дар он ҷо нестӣ? Охир дар он ҷо ҳама шоду хурсанданд.

– Шумо барои ман нархи гароне пардохтед. Шумо маро наҷот додед. Маро хизматгори худ гардондед. Ваъда додед, ки бозмегардед. Ман ба шумо тааллуқ дорам. Ман мехоҳам ҳамеша бандаи шумо бошам!

Хӯҷаин сари вайро сила кард.

– Ту акнун хизматгор нестӣ, Фиделис, балки писари ман ҳастӣ, – гуфт хӯҷаин. – Биё ба хона меравем!

Бисёр вақт ба мо чунин метобад, ки бадӣ ҷаҳонро ба даст даровардааст ва одамон фаромӯш кардаанд, ки Исо ваъдаи баргаштан додааст. Ӯ гуфт, ки то бозгашти Худ бисёр воқеаҳо ба амал





меоянд. Нишонаҳои бозгашти Ӯ ҳастанд. Онҳо дар Инҷил навишта шудаанд. Ӯ ба қарибӣ хоҳад омад.

## 11 Милт-милти ҷудогона

Иззат дар лагери тобистонаи ҷавонон ба Исои Масеҳ имон овард, аммо – на ҳама кораш дуруст буд. Дар аввал вай хушбахт буд. Ба вай Китоби Муқаддас тӯҳфа карданд, хондани Инҷилро маслиҳат доданд, ва ӯ чизи мехондаашро мефаҳмид. Дуо кардан душвор набуд. Ҳама чиз нав ва шавқовар буд. Аммо ин дер давом накард.

Тирамоҳ фаро расид. Рӯзҳо кӯтоҳ мешуданд. Пагоҳӣ аз хоб хестан душвортар мегардид ва ҳаваси хондани боби навбатии Китоби Муқаддас набуд. Дар мактаб бачагоне буданд, ки имонашро масхара мекарданд, ва Иззат худро танҳо ва фиребхӯрда ҳис мекард. Шояд Китоби Муқаддас дурӯғ мегӯяд?

Иззат қарор дод, ки бо як шахси пиронсол – бо бобои дӯсташ гуфтугӯ кунад. Пирамард меҳрубон ва масеҳии самимӣ буд.

Ҳангоме ки Иззат назди вай мерафт, худро нороҳат ҳис мекард – вай бо ӯ оиди чӣ гуфтугӯ мекунад? Аммо пирамард ӯро хуш қабул кард. Занаш чой овард.

Иззат қарор дод, ки ҳамаашро нақл мекунад. Онҳо сӯҳбати дуру дароз карданд. Пирамард пурсид:

– Оё ту ба ҷамъомади ҷамоатӣ меравӣ, ки он

ҷо аъзоёни ҷамоат метавонанд дар ҳаққи ту дуо кунанд? Оё ту бо роҳбари ҷамоат гуфтугӯ кардӣ?

– Росташро гӯям, ман ба ҷамоати масеҳӣ намеравам, – гуфт Иззат. – Хешовандонам гоҳ-гоҳ мераванд... ҳангоми иди Песоҳ. Рӯзҳои якшанбе ман дарс меомӯзам, дар мактаб вазифаи бисёр медиҳанд, лижаронии кӯҳӣ низ тамоми вақти холиро мегирад... Рости гап, ман чунин меҳисобам, ки ба ҷамоат рафтан ҳатмӣ нест. Муҳимаш бовар кардан аст. Ҳама чизи дигар расмият аст.

– Расмият! – пирамард ба фикр фурӯ рафт. Сипас анбӯрро гирифта, аз печка лахчаеро гирифт ва ба Иззат нишон дод. – Бо диққат нигоҳ кун!

Иззат нигоҳ кард ва дид, ки лахча торафт сард гардида, алангааш камтар мешавад. Пирамард лахчаро ба печка партофт – лахча аз нав ба сӯхтан даромад.

– Ту мебинӣ, он дар танҳоӣ хомӯш мешавад. Ту низ ҳамин тавр. Сарбоз қисми лашкар аст, даст қисми бадан. Ҳангоме ки ту масеҳӣ шудӣ, қисми ҷамоати Худо гардидӣ. Агар ту танҳо монӣ, хатаре ба миён меояд, ки аз Исо дур мешавӣ. Ҳангоме ки бо дигар имондорон муттаҳид мешавӣ, меҳри ту нисбати Масеҳ аланга мезанад ва ҳаёти ту боз маъно пайдо мекунад.

Ҳангоме ки Иззат ба хона мерафт, қарор дод, ки якшанбеи оянда бемақсад нахоҳад гузашт. Дар дили вай оташи имон фурӯзон шуд.





## 12 Тарс аз рӯшноӣ

Идҳо наздик мешуданд – Мавлуди Масеҳ ва Соли Нав. Тоҳир ва Ваҳҳоб ба хона мешитофтанд, аммо дар роҳ онҳо витринаҳои равшани мағозаҳоро дида монданд. Чароғҳои кӯчаҳо фурӯзон шуда буданд. То хонаи бачаҳо роҳе мерафт, ки аз пайи чархҳои мошинҳо пайдо шуда буд ва дар он ҳеҷ гуна рӯшноӣ набуд.

– Биё меравем, Ваҳҳоб, – гуфт Тоҳир. – Ба зудӣ торик мешавад.

Аммо Ваҳҳоб витринаи бозичаҳоро тамошо мекард. «Эҳ, кошки ба ман ин гуна мошинчаро тӯҳфа мекарданд, – фикр мекард вай. – Ва ҳамин хел гаражро!» Вай Тоҳирро, ки ӯро дар чорраҳа интизор буд, тамоман фаромӯш кард.

Тоҳир бошад чизеро дида монд ва ӯ низ додаршро фаромӯш кард. Ӯ дар назди дӯконча меистод. «Ваҳ, мандаринҳо чӣ зебоянд!» Тоҳир бошад онҳоро хӯрдан мехост...

Тоҳир ба атроф нигарист.

– Касе нест, фурӯшанда низ куҷое рафтааст. Вай бо эҳтиёт дасташро дароз кард ва дуто мандарин ба кисаи курткааш андохт. Баъд боз дутоашро ба кисаи дигараш. Ва боз панҷ мандаринро ба халтааш андохт. Ҳама ҷо оромӣ буд. Ана бахт омад кард! Аммо кисаҳояш дӯққӣ шуда буданд. Ҳар қадар зудтар ба охири кӯча рафта расад, ҳамон қадар беҳтар, зеро он ҷо торик аст. Вай аз дасти додараш гирифта, зуд равон шуд. Ваҳҳоб ҳанӯз оиди мошинча фикр мекард ва ҳеҷ чизро пай набурд.

–Нигоҳ кун! – ногоҳ фарёд кард Ваҳҳоб бо шодӣ. – Падар моро дар зери фонус пешвоз мегирад! – ва ӯ ба пеш сӯи падар давид. Тоҳир бошад ба торикӣ рӯ овард.

–Эй писарам, куҷо меравӣ?

Тоҳир ҳоло ба чашмони падар нигариста наметавонист ва аз роҳ сӯи буттаҳо баромад.

–Ба ту чӣ шуд? Дар мактаб ягон кори нохубе кардаӣ?

–Не, ҳамааш хуб аст, – ба ҷои бародар ҷавоб дод Ваҳҳоб, – муаллим гуфт, ки вай давандаи беҳтарини синф аст. Падар, дар мағоза мошинчаҳои зебо мефурӯшанд. Ва гаражҳо!

–Тоҳир, ба рӯшноӣ биё. Дар он ҷо ту меафтӣ.

–Ҳеҷ гап не, падар. Ин ҷо пайраҳаи хуб ҳаст... оҳ! – Тоҳир пешпо хӯрда, ба паҳлӯ афтид. Мандаринҳо ба ҳар сӯ пош хӯрданд. Мандаринҳои дар зераш буда курткаашро ифлос карданд.

Падар омад ва писараш ва меваҳои ба замин афтидаро бо фонусча равшан кард.

–Фаҳмо, – гуфт падар. – Ту инро дар дӯкончаи назди мағозаи бозичаҳо гирифтӣ?

–Ҳ... ҳ... ҳа, – гуфт Тоҳир бо гиря.

–Ту дузд ҳастӣ, Тоҳир! Акнун бошад ту назди фурӯшанда рафта, иқрор мешавӣ, ки мандаринҳоро дуздидӣ ва пули онро медиҳӣ!

–Лекин... лекин... ман пул надорам... ва... шояд, вай маро ба милиса месупорад.





–Вай ин тавр карда метавонад ва ту сазовори ин ҳастӣ. Ана пул. Рав ва ҳамаашро гӯй. Мо интизор мешавем.

Ҳангоме ки писараки ифлоси гирён назди фурӯшанда омад, вай ҳайрон шуд. Вай пулро гирифт ва гуфт, ки дафъаи дигар милисаро ҷеғ мезанад. Ҳангоме ки фурӯшанда пули бақияро ҳисоб мекард, Тоҳир гурехт.

Ҳамааш зуд ба амал омад ва маълум шуд, ки ин на он қадар даҳшатовар аст. Албатта, ба Тоҳир лозим омад, ки қарзро аз ҳисоби пули кисагиаш баргардонад, аммо акнун ин ҳеҷ аҳамияте надорад. Муҳим ин аст – баъд аз он ки фурӯшанда Тоҳирро бахшид, ӯ аз он наметарсид, ки бо роҳи равшан равад. Пояш дард мекард. Аммо падар аз дасти вай медошт.

–Дигар ҳеҷ гоҳ ин корро накун, писарам!

Тоҳир дасти падарро маҳкамтар дошт ва ваъда дод, ки дигар ҳеҷ гоҳ чизи касеро намегирад.

Ҳангоме ки мо ягон кори гуноҳолуд мекунем, бо роҳи равшани Исо рафта наметавонем. Агар донӣ, ки ин туро азоб медиҳад, ба Исо дар ин хусус бигӯй. Худо туро мебахшад ва ту боз метавонӣ ҳамроҳи Исо қадамгузор бошӣ.

## *13 Ғамхори меҳрубон*

Зимистон хеле хунук буд. Боди шарқӣ аз мағзи устухони Ҳелмути майдаяк мегузашт ва ӯ тоқат накарда, гиря кард. Хоҳари калониаш ашки чашмони ӯро пок карда, майдачаро тасалло медиҳад:

– Гиря накун, Ҳелмут, ба қарибӣ дар хона мешавем, дар  оташдон тезакак алав карда гарм мешавем.

Кӯдакон дар ҷангал ҳезум мечиданд, чунки дар он вақт гармкунакҳои барқӣ набуданд. Ҳа, кӯдакон, мо бояд аз Худованд миннатдор бошем, ки ҳуҷраҳоямон гарм аст ва хунук хӯрдан ба мо лозим намеояд.

Вақте ки ман писарчаи хурд будам, мо барои тамоми рӯз оташдонро алав карда наметавонистем, чунки ҳезум ва ангишт надоштем. Бисёр вақт мо хунук нахӯрем гуфта, тамоми рӯз дар даруни ҷойгаҳ будем. Хонаи мо хеле хунук буд. Хӯрокворӣ кам доштем, гоҳо тамоман ҳеҷ чиз надоштем. Яке аз ин хел рӯзҳо модарам бо гиря ба Наҷотдиҳандаи худ дуо мегуфт, чунки ба кӯдаконаш, ки гуруснагӣ мекашиданд, нигоҳ карда наметавонист. Ҳамон рӯз марди ношиносе ба мо картошка овард. Воқеа чунин буд:

Ногоҳ касе дарро тақ-тақ кард. Дар остона марди ношиносе меистод ва пурсид:

– Оё хӯрок мехӯред? Аробаи ман дар назди хонаи шумо шикастааст, акнун, то даме ки ман ягон касро ба ёрӣ ҷеғ мезанам, картошкаро хунук мезанад. То ки картошкаро хунук назад, онро гиред!

Оё шумо медонед дар он вақтҳои гуруснагӣ як халта картошка чанд пул меистод?  Он хеле қимат буд! Картошка ба даст овардани мо мӯъҷизаи Худо буд ва ҳамон бегоҳ Худованд ба мо ҳезум расонд.





Он вақт ман дуо мекардам: «Наҷотдиҳандаи меҳрубон! Ман аз ту ҳама вақт миннатдор хоҳам буд, агар ман картошка, намак ва ҳуҷраи гарм дошта бошам!»

Ҳелмути майдача низ баъди он ки ба хона омада гарм шуд, душвориҳои худро зуд аз ёд баровард.

Ҳангоме ки мо ба осмон меоем, дигар хунук намехӯрему гурусна намемонем ва ҳеҷ гоҳ дар он ҷо гиря намекунем.

Оё ту ба кӯдаконе ки гиря мекунанд дилсӯзӣ мекунӣ? Худованди мо гуфтааст, ки мо бояд ҳама вақт ба дигар одамон дилсӯзӣ карда, кӯшиш кунем, ки дар мӯҳтоҷии онҳо ёрӣ расонем.

Аз Худованд Исои Масеҳ барои мадад расондан ва дилбардорӣ кардан ба одамоне ки ғам мехӯранд, қувват пурс. Дар осмон Худо ҳама ашкҳоро пок мекунад, ва мо ҳама вақт хурсанд мебошем.

«Ва Худо  ҳар ашкро аз чашмони онҳо пок хоҳад кард». Ваҳй  21:4

## *14  Додан аз гирифтан беҳтар аст*

Ҳангоме ки мо  тӯҳфа мегирем хеле хурсанд мешавем. Ҳар қадаре ки кӯдакон бештар мегиранд, ҳамон қадар бисёртар хурсанд мешаванд, калонсолон низ ба сабаби тӯҳфаҳо хурсанд мешаванд. Аммо Исои Масеҳ ба одамон гуфтааст: «Додан аз гирифтан беҳтар аст».  Наход,

ки ман лӯхтаки дӯстдошта ё мошинаамро дода, бештар хурсанд мешавам, назар ба вақте ки онро гирифтам?

Ман дӯсти хубе доштам ки ҳамеша хурсанд буд. Дар симояш ҳамеша табассум ҳувайдо буд. «Ман хурсанд мешавам, вақте ба ту чизе тӯҳфа мекунам»,– хурсандона мегуфт ӯ. Гоҳо ӯ ба ман китоб, гоҳе шоколад ва гоҳе гул ҳам тӯҳфа мекард. Ӯ ҳама вақт бо худ чизе барои тӯҳфа кардан дошт. Барои ҳамин ӯ симои хурсандона дошт, ва бисёр механдид. Касе ки ҳамеша танҳо гирифтан мехоҳад ва ато карданро дӯст намедорад ба зудӣ ба шахси ношукр табдил меёбад. Ӯ ба сабаби чашмгуруснагӣ шод буда наметавонад. Вақте ки писарча будам, як зарбулмасале аз ёд карда будам: «Ҳар қадар чизи бештар дошта бошад, боз зиёдтар мехоҳад, тамоми умр вай танҳо шиква мекунад ва норозигӣ баён мекунад». Ва чунин ҳам ҳаст.

Берун торик шуд, моҳтоб равшанӣ мекард. Бибӣ пашми мересидаашро як сӯ гузошт. Оё ту медонӣ дук чист? Пештар занҳо ба ёрии дук пашм мересиданд. Онҳо аз пашм моҳут мебофтанд, ки аз он баъд либос медӯхтанд.

–Бибиҷон, илтимос, ба мо ягон чиз нақл кунед! – хоҳиш кард писарчае ки гӯш кардани ҳикояҳои бибиашро дӯст медорад.

–Агар ин тавр бошад, ман ба шумо як ҳикоя нақл мекунам, ки Юҳанн Петр Ҳебел навистааст.

Боре князь аспсавор ба сайругашт баромад ва бо деҳқоне ки бо ғайрат кор мекард вохӯрд. Ӯ суруд





зам-зама карда, заминро шудгор мекард. Князь аз деҳқон сабаби хурсандиашро пурсид. Шояд ӯ аз замини хуби худ хурсанд аст?

–Не, – ҷавоб дод деҳқон. – Ман мардикор ҳастам ва дар як рӯз 15 фулус мегирам.

–Ин бисёр не, – гуфт князь, – Ин миқдор пул барои зиндагӣ намерасад.

–Эҳ, ҷаноб, – эътироз кард мардикор, – агар ҳамаашро ман барои худам сарф мекардам, бо ин пулҳо чӣ кор карданамро намедонистам. Панҷ фулус ба ман кифоя аст, бо панҷ фулус ман қарзҳоямро пардохт мекунам ва панҷтои дигарашро ман сарфа мекунам.

–Ту боз суруд мехонӣ: “Шодӣ, шодии беист, ҳамеша шод бошем! Нури хурсандие ки Худо додааст, ҳеҷ гоҳ хомӯш намешавад”?

–Ҳа, ҷаноб, ман аз ин панҷ фулуси худ боз ба падару модари худ, ки дигар кор карда наметавонанд, ёрӣ мерасонам. Ва боз аз ин панҷ фулус ман ба кӯдаконам, ки дар мактаб мехонанд, чизҳои даркориро мехарам. Падару модари ман ҳам аз ҳар чизи доштаашон ба ман медоданд. Ман фикр мекунам, ки фарзандони ман низ ба ман ёрии молиявӣ мерасонанд. Ва ҳамин тавр барои шукргузорӣ ба Худо мо ҳамеша сабаб дорем ва барои ба касе бахшидан низ чизе дорем.

Князь инро шунида, ба деҳқон пули калон тӯҳфа кард. Ӯ фаҳмид, ки «Додан аз гирифтан беҳтар аст» чӣ маъно дорад.

Шояд шумо инро санҷида дидан мехоҳед, ба падару модаратон, бародару хоҳаратон ё дӯстонатон ягон тӯҳфа карданиед? Бо ягон чиз онҳоро хурсанд кунед!

Худованд ба мо ёрӣ расонад, ки аз дороии худ ба дигарон диҳему ҳар вақт шод ва розӣ бошем.

## 15 Нони навпухта

Боре дар кӯдакиям модарам аз китоби «Петя барои ҷаллобӣ меравад» ҳикояе хонда буд.

– Ҷаллобӣ чӣ маъно дорад? – ман пурсидам.

– Медонӣ, – мефаҳмонд ба ман модарам.– Одамон баъди ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба ҷаллобӣ мерафтанд. Одамони шаҳр хӯрок надоштанд, барои ҳамин онҳо ба деҳаҳо назди деҳқонон рафта ҳар гуна чизро ба хӯрок иваз мекарданд. Одамон пул доштанду лекин дар мағоза чизе харида наметавонистанд.

– Барои чӣ одамон ягон чиз харида наметавонистанд? Охир, дар ивази пул мо дар мағоза ҳама чиз харида метавонем-ку?

– Замонҳое мешаванд, ки дар мағозаҳо чизе нест. Ва агар аз гуруснагӣ мурдан наҳоҳӣ, ба деҳаҳо бояд рафта ҷаллобӣ, яъне гадоӣ кунӣ: аз як хона ба хонаи дигар рафта, аз деҳқонон каме нон, гӯшт, панир ё картошка пурсӣ.

– Инро намефаҳмам, – ҷавоб додам ман.

– Вақте ки ман ба монанди ту хурд будам, ман



Рӯймолчаи сафед

ҳам намефаҳмидам, ки гуруснагӣ чӣ маъно дорад, то худам баъди ҷанг инро аз сар нагузаронидам. Умедворам, ту инро аз сар намегузаронӣ.

Лекин баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ фаро расид. Гуруснагии пас аз он назар ба ҷанги якум бадтар буд. Бисёр одамон пӯстлохи картошкаро мепухтанд, то ки аз гуруснагӣ намуранд. Онҳо ақаллан бо ягон чиз шикамашонро пур кунанд, хурсанд буданд.

Яке аз ҳамин гуна рӯзҳои хунуки зимистон ба ман лозим омад, ки ба деҳаи дурдаст бо қатора равам, ки ягона мақсад аз он ин буд: аз фермерҳо картошка ё ғалла пурсидан. Шамоли сахти шарқӣ маро ба пеш тела медод, ва ман ба яке аз ҳавлиҳои деҳқонон даромадам. Саги калони занҷирбанд баланд аккос мезад. Ман аз вай хеле метарсидам, лекин гуруснагӣ аз тарс боқуваттар буд. Ман ба даҳлез даромадам, дар ҳоле ки тамоми баданам меларзид. Ҳангоме ки ниҳоят маро ба ошхона роҳ доданд, аз гуруснагӣ сарам чарх зад. Соҳибхона бо саг аз пайи ман даромад ва он дар зери миз хобид. Баъд аз якчанд дақиқа ӯ нони навпухта овард. Он чӣ бӯи хуше дошт! Оби даҳонам равон шуд. Соҳибхона нонро пора карда, ба он маска молид. Ман хурсанд шудам:

– Ниҳоят, ман ягон чиз мехӯрам!

Баъд соҳибхона нони шикастаашро майда-майда бурид. Ман фикр кардам: «Ин лозим нест, чунки дандонҳои хуб дорам».

Аммо баъд як чизи даҳшатоваре рӯй дод.

Соҳибхона нони поракардаашро пайиҳам ба саге ки зери миз буд, мепартофт. Ӯ нешзанон табассум карда, гуфт:

– Аҷиб, саг дигар нони қоқ намехӯрад, фақат маскадор мехоҳад.

Ман бо душворӣ ашки чашмонамро нигоҳ медоштам. Соҳибхона ягон пора нон ба ман надод, ҳамаашро ба саг дод. «Оҳ, – фикр мекардам ман, – кошки ман саг мебудаму зери миз хоб рафта нони хушбӯй мехӯрдам!»

Ҳа, баъзан ҳамин тавр мешавад. Дар абадият Худо ин соҳибхонаро мепурсад, ки барои чӣ ӯ бо ин писарчаи гурусна чунин рафтор намуда ба ӯ ягон пора нон надод. Умедворам, ки он шахс ба ҳар ҳол дар гуноҳаш тавба карда, бахшида шуд.

Дуо мекунем, ки Худованд ба мо дили ҳамдардикунанда диҳад, то мо ба гуруснагон дилсӯз буда, ба онҳо ёрӣ расонем.

## 16 Бачаи танбал

Ҳанс таҳсил кардан намехост ва писари танбал буд. «Ба мактаб рафтан – ақлро кор фармудан, – фикр мекард ӯ, – мисолҳоро ҳал кардан, навиштан, хонданро ёд гирифтан кори дилгирона аст».

– Ҳанс, биё бо мо ба мактаб равем, – чеғ мезанад писарчаи майда. Бачаи калон илова кард:

– Агар ту хуб таҳсил кунӣ, баъд метавонӣ бисёр пул кор кунӣ.

– Эҳ, – ҷавоб дод Ҳанс, – бе мактаб ҳам рӯзам





мегузарад, – ва аз пеши мактаб гузашт.

Акнун гӯш кунед, бо Ҳанс чӣ воқеа руй дод. Аввал ӯ хост дуредгар шавад, аммо ранда ба вай вазнин тофт. Он гоҳ ӯ фикр кард: «Шояд мӯрирӯб шавам?», – лекин ин кор ба вай беҳад нанговар тофт. Ӯ қарор дод, ки коргари кон шавад, лекин хам шуданро дӯст намедошт. Ӯ таҷриба кард, ки осиёбон шавад, аммо халта ба миёнаш фишор меовард. Ӯ бофанда шудан хост, аммо ресмонҳо дар дасташ канда мешуданд. Ҳамин ки ӯ ягон корро сар мекард, одамон ӯро ҳамчун танбал пеш мекарданд. Ҳанс оҳангар шудан хост, лекин аз лахчаҳои сӯзон тарсид, ӯ мӯзадӯз шудан хост, аммо тагчарми пойафзол танг аст. Ӯ дӯзанда шудан хост, аммо сӯзанҳо ба ангушташ мехаланд, ӯ шишагар шудан хост, аммо шишаҳо зудшикан мебошанд. Ӯ муқовасоз шудан хост, аммо ширеш бӯй мекард. Боз бисёр корҳоро Ҳанс таҷриба кард, аммо ҳеҷ чиз ҳосил намешуд.

Муддати зиёде гузашт, дастони ӯ суст шуданд. Ба ӯ лозим омад, ки гуруснагӣ кашад. Дар он вақт ӯ хатояшро фаҳмид: «Эҳ, мани нодон, барои чӣ дар кӯдакиам нахондам? Акнун ман чӣ кор мекунам? Ҳеҷ кор карда наметавонам. Акнун худам ҳам мебинам, ки ягон коре аз дастам намеояд».

Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «Эй танбал! Назди мӯрча бирав, рафтори онро бингар ва ҳикмат биомӯз». Оё шумо дар ҷангал ягон бор мӯрчахонаро мушоҳида кардаед? Он дар ҷунбиш аст! Садҳо мӯрчагон пасу пеш медаванд, хасу шохчаҳоро ба мӯрчахонаи калоне

ки сохтаанд, мекашанд. Ҳамаи онҳо дар ҳаракат ҳастанд. Мӯрчаҳо ягон сонияашонро беҳуда намегузаронанд. Ин офаридаҳои хурд баъзан бореро мебардоранд, ки аз худашон се баробар вазнинтар мебошад. Аммо агар ба дасти онҳо малах ё гамбуск афтад, баъзан то бист мӯрча якҷоя сайди вазнинро ба мӯрчахона мебаранд, то ки ҳама ягон чизи хӯрданӣ дошта бошанд.

Худо мехоҳад, ки мо аз мӯрчагон ёд гирему танбал набошем. Мо бояд дар хондан ва иҷро кардани вазифаи хонагӣ саъю кӯшиш кунем. Ба танбал Худо ёрӣ намерасонад, бинобар ин беҳтар аст, ки боғайрат бошем. Ва агар аз кор монда шавем, шабона хуб хоб мекунем.

## 17 Худо дуоро мешунавад

Исои Масеҳ ба шогирдонаш чунин дуо карданро ёд медод: «Ризқу рӯзии моро ҳар рӯз ба мо бидеҳ». Агар мо ҳар рӯз ба қадри кофӣ ризқу рӯзӣ дошта бошем, ин маънои онро надорад, ки ҳамин тавр бояд бошад.

Боре бевазани бечора тамоман чизе надошт, ки панҷ нафар фарзандашро хӯронад. Анбораш холӣ шуда буд. Аммо ӯ ба Худо умедвор буда, фикр мекард: «Агар Худо моро офаридааст, Ӯ моро танҳо намемонад. Эҳсони Ӯ ҳамеша бар мост».

Вай дуо гуфт ва ба Ӯ барои ёрие, ки дар ҳар рӯзи нав мерасонад, ташаккур гуфт. Бевазан хеле меҳнатдӯст буд ва кӯдаконаш ба вай ёрӣ





мерасонданд ва гапдаро буданд. Ва ҳама якҷоя Наҷоткорро дӯст медоштанд.

Саҳар ӯ ба кӯдакон гуфт:

– Бачаҳо, имрӯз ман ба шумо ноништа тайёр карда наметавонам. Чунки мо на нон дорем, на орд ва на тухм, аммо бо ҷидду ҷаҳд ба Худо дуо гӯед, Ӯ сарватманд ва тавоно аст. Ӯ ба мо гуфтааст, ки мо дар рӯзи тангӣ ба Ӯ муроҷиат кунем, Ӯ моро мешунавад.

Кристиани майдача ба мактаб ғамгин рафт, чунки модараш ба ӯ ягон пора нон дода натавонист, то бо худ барад. Дар роҳ ӯ аз назди ҷамоатхона, ки дараш кушода буд, мегузашт. Вай ба он ҷо даромад ва азбаски касеро дар он ҷо надид, бо овози баланд дуо кард:

– Наҷоткори меҳрубон, ба мо барои хӯрдан чизе бидеҳ! Модари мо дигар на нон дорад, на орд ва на ягон тухм. Ту мӯъҷиза карда метавонӣ-ку, ба мо ёрӣ расон. Охир, Ту дар Каломат ба мо ёрӣ расонданро ваъда дода будӣ. Акнун ба қавлат вафо кун, илтимос.

Ва ба по хеста бо шиками гурусна ба мактаб рафт. Дар вақти занги баромад, ҳангоме ки кӯдакон дар саҳни мактаб бозӣ мекарданд, вай ҳама вақт дар фикр буд: «Оё Худованд дуоямро шунид ё не?»

Ба хона омада, ӯ дар рӯи миз ду нони калон, корсони калон бо орд ва як сабад тухмро дид.

– Худоро шукр! – гуфт писарча, – Модар, Ӯ дуоямро шунид. Гӯед, оё ҳамаи ин чизро фариштаи Худованд овард?

–Не. Лекин Худо дуоятро ба ҳар ҳол шунид. Вақте ки ту дуо мекардӣ, дар паси минбар зани мири шаҳр менишаст. Ту Ӯро надидӣ, аммо дар бораи он чи дуо кардӣ, шунид. Ана акнун ӯ ин ҳадяҳои хубро фиристод. Вай ҳамон фариштае буд, ки Худо фиристод. Худоро шукр гӯем, ки Ӯ ин хел кард, ки ин зан ҳангоми дуо карданат дар ҷамоат буд. Ҳамин тавр Худо фарзандонашро аҷоиб роҳбарӣ мекунад!

Ва онҳо якҷоя суруд хонданд:

*Худоро таъриф кунеду сароед!*
*Чӣ ширин аст Ӯро ситоиш кардан!*
*Ба Ӯ, ки ягона аст арғунуни дили худро ҷӯр кунед!*

## 18 Зимистон

Ин чӣ маҳали беодамест! Гӯё ҳама чиз мурдааст!

Ҷаҳон ба монанди қабри хунук шах шудааст. Зоғҳои сиёҳ рӯи шохаҳои бебарг нишаста, дар болои қабристони барфзеркарда суруди зимистонаи худро қар-қаркунон мехонданд. Осмонро абрҳои сиёҳ пӯшондаанд, аз шимол бодҳои шадид мевазанд ва офтоб нонамоён аст.

Боре граф Франс фон Поччи дар бораи зимистон сӯҳбатеро навишта гирифтааст.

–Ман зимистонро бад мебинам. Эҳ, кай ҳама ҷо аз нав сабз мешавад?!

–Барои чӣ зимистонро бад мебинӣ?





–Ба тиреза нигоҳ мекунӣ, ҳама ҷо дилгир ва мурда аст. На ягон барг аст дар дарахт, на ягон гул аст дар боғ ва ягон парранда намесарояд.

–Барои ҳар чиз замоне ҳаст. Гӯй канӣ, оё шабро ҳам бад мебинӣ?

–Шабро? Шабро дӯст медорам, он вақт ман дар ҷойгаҳ, ба монанди хирс дар лонааш, хобида метавонам.

–Махсусан, вақте ки ту аз кор ва бозӣ монда шудаӣ.

–Магар мумкин нест? Ман бояд истироҳат кунам-ку, лекин барои ин хоб кардан даркор!

–Он гоҳ ту бояд бо зимистон ҳам розӣ бошӣ! Бин, агар дар баҳор ҳама чиз месабзаду мерӯяд, агар дар тобистон ҳама чиз мешукуфад ва мепазад, то ин ки мо дар тирамоҳ барои хурду хӯроки худ ҳар гуна меваю сабзавотро ғун дорем, аҷоиб нест, ки табиат мӯҳтоҷи оромӣ аст, то ки барои соли дигар қувват гирад.

Барои боғу чаманзорҳо ва ҷангалҳо зимистон вақти хоб аст. Худо ҳама чизро хеле хирадмандона офаридааст, бинобар ин Ӯ ба ту ҳам шабона оромӣ медиҳад, то ки дар рӯзи дигар бо қуввати нав хеста тавонӣ. Акнун, дар бораи зимистон чӣ мегӯӣ?

–Ту ҳама чизро ба ман хуб фаҳмондӣ. Акнун ман зимистонро бо барфу ях хурсандона пешвоз мегирам, охир ин ҳам вақти беҳуда гузарондан нест-ку.

Ҳангоме ки ту дар ҳуҷраи гарми худ мешинӣ, дар бораи он фикр кун, ки чӣ қадар одамон хунук мехӯранд, чунки ҳезум надоранд! Ва ҳангоме ки ту ба берун либоси гарм пӯшида мебарой, хуб фикр кун, чӣ қадар одамон хунук мехӯранд, чунки либоси зимистона надоранд. Агар ту шӯрбои гарм ё ягон чизи дигар хӯрӣ, фикр кун, ки бисёр одамон гурусна ҳастанд, чунки чизе барои хӯрдан надоранд! Ва агар ту дар кат кампали гарм дорӣ, аз ёдат набарор, ки бисёр одамон рӯи каҳ хобанд, чунки чизи дигаре надоранд. Ва агар...эҳ, ман ба ту боз бисёр чизҳоро метавонам як-як шумурам, лекин фақат як чизро ба ту мегӯям. Худоро шукр гӯй, ки ту хунук намехурӣ, гурусна нестӣ ва ба камбағалон то ҳадди имкон ёрӣ расон.

## *19 Кишту дарав*

Маттиас Клаудиус дар асри 18 дар Олмон зиндагӣ кардааст, ӯ дар бораи зимистон як ҳикояе навиштааст.

«Зимистон дар Русия, Амрико ва дар кӯҳҳои мо барф хеле бисёр аст! Одамони бечора маҷбуранд ҳангоми сармо ва барф тамоми рӯз дар ҷангал ҳезум чинанд, то ки ақаллан каме шохчаҳои хушк ҷамъ кунанд. Ва ҳамаи ин танҳо барои он аст ки хонаро гарм карда ба худ ва кӯдакон картошка пазанд.

Дар қутби шимолӣ, паси доираи қутбӣ тамоми сол барф аст, дар Баҳри Шимолӣ бошад ҳатто дар фасли тобистон чунон кӯҳҳои яхин шино





мекунанд, ки ба якчанд хонаҳои бисёрошёна баробар мебошанд. Аммо Худованд дар он ҷо низ ҳар гуна ҳайвонотро ҷой додааст: хирсҳои сафед дар рӯи яхпораҳо мегарданд, наҳангҳои калон дар об шинокунон бозӣ мекунанд.

Дар дигар қисми замин бошад аз Италия ҷанубтар дар Африқо офтоб тамоми сол гармӣ медиҳад, то дараҷае ки пошнаи пойро сӯзондан мумкин аст. Он ҷо зимистон ҳеҷ вақт намешавад.

Дар кишвари мо бошад зимистонро тобистон иваз мекунад. Оё ин мӯъҷисаосо нест? Одам бояд ҳам дар ҳавои гарм ва ҳам дар ҳавои сард зиндагӣ кунад; ӯ вазъиятро дигаргун карда наметавонад: хоҳ сарватманд бошад ё бенаво, хоҳ оғо ё хизматгор. Аммо агар ту калон шавӣ ва захираи зиёди ҳезум бораи зимистон дошта бошӣ, аз ҳезумат ба дигарон бидеҳ ва оиди он фикр кун, ки одамони бенаво монанди хирсҳои сафед ё наҳангҳо зиста наметавонанд.

Хирсҳои сафед ва наҳангҳо хунук намехӯранд. Оё ягон бор дар боғи ҳайвонот хирси сафедро дидай? Онҳо ҳатто дар хунукии сахт ҳам ба оби ях барин хунук часта хурсандӣ мекунанд. Худо ҳамаи инро хеле мӯъҷизаосо офарид!

Дуо кунем ва ба Худо шукр гӯем, ки аз замони Нӯҳ дар замин ҳамеша кишт ва дарав, сармову гармо, зимистону тобистон, шаб ва рӯз хотима наёфтанд. Биёед аз Ӯ хоҳиш кунем, то ба мо ёрӣ диҳад, ки барои ҳама чиз шукр гӯем.

## 20 Ғайр аз Ту барои ман дигар ҳимояте нест

Ин воқеа замони ҷанг рӯй дода буд. Ба деҳа аскарони хашмгини силоҳбадаст зада даромаданд. Онҳо ҳар ҷоеро, ки аз дасташон биёяд, ғорат карда хонаҳоро оташ мезаданд. Аз деҳа каме дуртар хоначае ҷойгир буд. Қариб ҳамаи сокинони деҳа дар ҷангал пинҳон буданд, аммо дар ин хонача модар бо кӯдакаш монда буд. Вай болои кати кӯдакаш хам шуда дуо мекард: «Худованди меҳрубон, Ту бузург ва тавоно ҳастӣ, моро дар ҳама ҷо муҳофизат карда метавонӣ, ва агар душманон омада таҳдид кунанд, моро дар ин ҷо ҳам ҳифз карда метавонӣ».

Аз деҳа овозҳои доду фиғони даҳшатовар мерасид. Бисёр хонаҳо тӯъмаи оташ буданд, гову гӯсфандон маос мезаданд, зангӯлаҳо ба мадад даъват менамуданд. Ин ғалоғула ба хонача торафт наздик мешуд. Модар дари хонаро сахт маҳкам кард, аммо аскарон бо пошнаи милтиқ заданд ва дари кӯҳнаи пӯсида ба ин тоб наовард.

Зан вақте шахсони дар назди дар истодаро дид аз тарс рангу рӯяш канд. Ӯ тез ба пеши кӯдак давида омада бо дастони худ вайро пӯшонду ногоҳ бо овози паст ва баъд баландтар ва боз баландтар ба сурудхонӣ даромад:

*Ғайр аз Ту барои ман дигар ҳимояте нест;*
*Худоё таркам макун, ҷонамро дастгирӣ кун.*
*Ҳама умедам Тӯӣ, ба Ту таваккал дорам;*
*Вуҷуди худ мениҳам таҳти ҳимояи Ту.*





Аскарони шӯру ғавғо бардошта дар ҷояшон истода монданд. Ногоҳ аз байни ин тӯдаи аскарони дағал шахсе ба пеш баромад. Ба катча наздик шуда дасти калонашро ба сари майдаи кӯдак ниҳод. Лабонаш оҳиста меҷунбиданд. «Наход, ки ӯ дуо мекунад?» – модари ба даҳшатафтода фикр кард. Аз чашмони мард ашк мерехт. Вай хомӯшона ба модар даст дароз кард. Аскарон гӯё мувофиқи фармон хомӯшона аз хона баромаданд. Модар сари кат хам шуда, Худоро барои мадад, барои он ки Ӯ фариштаи нигаҳбони Худро фиристода, онҳоро ҳимоя кард, шукр мегуфт.

Аз зону бархоста, ба пеши тиреза рафт ва ҳамон аскареро, ки зери дарахти нок меистод, дид. Вай силоҳ дар даст хонаро посбонӣ мекард, то касе аз аскарон хонаро оташ назанад. Ӯ аз дидбонгоҳи худ танҳо ҳамон вақт рафт, ки шаб фаро расид ва ҳамаи аскарон аз деҳа рафтанд. Ҳамин хел Худо аз рӯи меҳрубонии Худ модарро бо кӯдакаш аз фалокат нигоҳ дошт.

## 21 Духтур барои беморон

Ту шояд духтур рафта бошӣ? Агар мо касал ҳастем, ин маънои онро дорад, ки нотоб шудаем, он гоҳ бояд ба духтур равем, то ки моро тафтиш кунад. Духтур медонад, ки кадом дору ба мо лозим аст ва ба мо онро таъин мекунад. Сипас модар ба дорухона рафта, доруеро ки лозим аст, ба мо мехарад.

Аммо бисёри кӯдакон дору хӯрдан намехоҳанд, чунки он ба монанди шоколад бомаза нест. Ин бошад хуб нест. Чунки, агар мо дору нахӯрем, он барои сиҳатшавӣ ба мо ёрӣ дода наметавонад. Шояд духтур ба мо чизи дигар таъин мекунад, ки иҷро кардани он лозим аст. Шояд вай ба мо мегӯяд, ки шоколад ва қанди бисёр нахӯрем, барвақттар хоб равем ё бисёртар бо варзиш машғул шавем, бештар дар ҳавои тоза бошем ва ғайра.

Дасту пойҳои Умед ном марде сахт дард мекунанд.

– Ин ревматизм аст, асабҳоятро хунук гирифтааст. Туро назди массажист мефиристам, – мегӯяд духтур, – вай туро массаж мекунад ва аҳволат беҳтар мешавад.

Оё ту медонӣ, ки массажист чӣ кор мекунад? Ӯ ҷойҳои дардмандро аввал оҳиста, баъд сахттар мемолад, то ки хун дар бадан хуб гардиш кунад. Гоҳо ӯ сутунмӯҳраро низ массаж мекунад. Оё ту дар куҷо будани сутунмӯҳраро медонӣ?

Умед дар пеши массажист дӯсти худ Дилдорро дид.

– Дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ, магар ту ҳам ревматизм дорӣ? – пурсид Умед.

– Ҳа, тахтапуштам дард мекунад, ҳам пои чапам сахт дард мекунад, – ҷавоб дод Дилдор.

Умед пои росташро нишон дода гуфт:

– Пои рости ман ҳам дард мекунад.

Ҳар дуи онҳоро ба хуҷрачаҳо равон карданд ва ҳар яке мебоист ба курсии массажкунӣ дароз





мекашид. Ҳуҷрачаҳо фақат бо пардаҳо ҷудо буданд, барои ҳамин чизе ки он ҷо рӯй медод, шунида мешуд. Ҳангоми массаж ногоҳ Умед ”дард мекунад“ гуён ба дод задан сар кард. Дилдор бошад ҳама вақт оромона дароз кашида буд. Ҳангоме ки онҳо вақти баромадан вохӯрданд, Умед аз вай пурсид:

– Дилдор, чӣ тавр ба ҳамаи ин тоб овардӣ? Дар аввал вақте ки массажист ба ҷои дардманд мерасид, сахт дард кард, вале баъдтар аҳволам сабуктар шуд. Оё дар аввал бадани ту дард накард?

– Не, – ҷавоб дод Дилдор, – ман пои сиҳатамро ба массажист дароз кардам.

Одамоне, ки назди Исои Масеҳ, Табиби осмонии мо меоянд, бисёр вақт чунин мекунанд. Бисёриҳо хуб будани худ ва чӣ гуна ҳаёти намунавӣ ба сар бурдани худро, ба Ӯ нақл мекунанд. Аммо дар бораи гуноҳҳо бошад чизе намегӯянд. Онҳо ба монанди Дилдор фақат ҷойҳои сиҳаташонро нишон медиҳанд. Агар мо хомӯш монда, ба Исо нагӯем, ки дили мо аз гуноҳ пур аст, Ӯ моро дуруст табобат карда наметавонад. Албатта, Исо медонад, ки дили мо солим нест, аммо Ӯ мехоҳад, ки мо худамон ба Ӯ ҳамаашро нақл кунем. Он гоҳ Ӯ дилҳо ва ҷонҳои бемори моро шифо медиҳад.

«Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: “На тандурустон, балки беморон ба табиб ҳоҷат доранд; Ман омадаам, ки на одилонро, балки гуноҳкоронро ба тавба даъват кунам». Луқо 5:31-32

## 22 Гадойзани ношинос

Бисёр вақт одамон ва ҳайвонот дар зимистон мушкилиҳои гуногунро аз сар мегузаронанд. Ҳангоми шароити вазнин дар рӯзи хунуки қаҳратун зани ношиносе ба деҳа омада зорӣ мекард, ки ба вай ёрӣ диҳанд. Агарчи ӯ либоси кӯҳна ва дарбеҳзада дошт, аммо тозаву озода буд. Сарашро бо рӯймол печонда буд, чунки дар берун шамоли сахт мевазид. Дар китфаш сабади майда ва дар дасти рост асои дароз дошт. Вай назди ҳар хона рафта, чизе барои хӯрдан ё каме пул мепурсид. Аммо қариб ҳамаи одамон дилсахт буда, ба зани бечора сарқути худ ё хӯроки ҳайвонотро медоданд. Одамони бодавлат сагҳои калонро кишкиш карда, ӯро аз хонаҳошон пеш мекарданд.

Инак, ӯ назди як хоначаи кӯҳнаи деҳқонӣ омад. Пеши дари хона кунда бо табар ва қайроқсанг меистод, ки бо он пештар қайчиву кордча тез мекарданд. Соҳибхоназан дар даст кӯдак дошт ва зани ношиносро ба хонаи гарм даъват намуд. Вай маҳз ҳозир аз орди охирин нон пухта буд ва пораи калони онро ба ин зани камбағал дод. Ӯ ягона шахсе буд, ки ҳақиқатан ба гадойзан ёрӣ расонд.

Дар рӯзи дигар ногаҳон сокинони деҳа ба қалъа ба хӯроки шом даъват карда шуданд. Одамон гадойзани шиносро дар назди дарвозаи қалъа дида хеле дар ҳайрат монданд. Онҳо ба толори хӯрокхӯрӣ даромада, мизҳои зиёди ороста ва як мизи хурдакаки алоҳидаеро диданд. Дар рӯи мизҳои калон тӯдаҳои нони мағорбаста, якчанд





картошка ва каме сабӯс гузошта шуда буданд. Меҳмонон зери чароғ, дар рӯи мизи хурдакак, таомҳои беҳтаринро диданд. Хонум ба ин мизи хурд деҳқонзанро бо кӯдак ва шавҳараш шинонд. Ба дигар меҳмонон соҳибхоназан гуфт:

– Ман дирӯз либоси гадоӣ пӯшида, назди дари шумоён гадоӣ омадам. Ман мехоҳам шуморо барои меҳмоннавозиатон, чуноне ки маро қабул намудед, меҳмондорӣ кунам.

Худаш бошад назди оилаи бенаво нишаста бо онҳо хурсандона ва самимӣ сӯҳбат мекард.

Ҳа, бидон, рӯзе бо ҳамаи онҳое ки ба наздикони худ некӣ ё бадӣ карданд, чунин мешавад. Ба шахсони меҳмоннавоз Исо мегӯяд: «Зеро, ки гурусна будам, ба Ман хӯрок додед; ташна будам ба Ман об додед; ғариб будам, Маро пазируфтед; бараҳна будам, Маро пӯшондед; бемор ва маҳбус будам, ба аёдати Ман омадед». Одамони меҳмоннавоз ҳайрон мешаванд. Аз рӯи муҳаббат ба бенавоён онҳо ҳама чизро доданд. Аммо Исо он рӯз ба онҳо мегӯяд: «...он чи ба яке аз ин бародарони хурдтарини Ман кардед, ба Ман кардаед». Бинобар ин гуфта шудааст: «Ҳар чи бикорӣ, ҳамонро медаравӣ».

## 23 Костюми гумшуда

Оё ту ҳам падари дӯстдор дорӣ? Ман хеле падари хуб дорам ва шодам, ки то ҳол зинда аст. Ӯ қариб навадсола аст ва ҳама вақт хурсанд аст. Агар берун тираву тор бошад вай мегӯяд: «Дар дилам

хурсандӣ ва равшанӣ зиёд аст ва сабабе ҳам барои ғам хӯрдан нест». Вай ҳамеша шукргузор буд, ва ин дар ҷаҳон бойигарии беҳтарин аст.

Акнун ман ба ту ҳикояи шавқовареро дар бораи падарам нақл мекунам.

Чӣ тавре ки ман гуфтам, падарам шахси хоксор аст. Ӯ касби хуб дошт ва ба чизи баландтаре даъвогар набуд. Вай бисёр вақт либосҳои кӯҳнаи бародаронашро мепӯшид. Аз байни шаш кӯдак ӯ хурдтарин буда, қариб нобино таваллуд шуда буд. Дертар Худованд ба ӯ шифо дод. Ӯ то ҳозир ҳам биноии хуб дорад. Агар мо аз он норозӣ мебудем, ки бозичаҳои дигар кӯдакон назар ба бозичаҳои мо беҳтаранд, ӯ ба мо мегуфт: «Кӯдакон қаноатманд бошед, бисёр чизро дидан мумкин аст, аммо ҳатман ҳама чизро доштан шарт нест».

Рӯзе ӯ костюми худро ба хушкашӯй бурд. Ин костюми кӯҳнае буд, ки касе ба ӯ тӯҳфа карда буд. Хушкашӯй назди мағоза воқеъ буд. Вақте падарам барои гирифтани костюмаш омад, директор ба наздаш омада, ба бахшишпурсӣ даромад:

– Ҷаноб, мо хеле афсӯс мехӯрем, аммо костюми шумо ҳангоми тоза кардан гум шудааст. Роҳбарият ба ман фармуд, то ба шумо гӯям, ки ба худатон костюми нав интихоб кунед.

Ҳамин хел падарам костюми нав гирифт. Модарам инро фаҳмида хеле хандид.

– Албатта, – гуфт ӯ, – охир ту худат барои худ костюми нав намехаридӣ-ку, акнун инро тӯҳфа гирифтӣ.





Баъди ду ҳафта хаткашон мактуб овард:

*«Ҷаноби мӯҳтарам, илтимос ба мо ба Берлин оиди масъалаи костюматон мурочиат кунед».*

Падарам фикр кард: «Ҳм, онҳо ҳозир костюми кӯҳнаи маро ёфтанд ва мехоҳанд, ки ман костюми навро баргардонам». Вақте падарам ба мағоза омад он ҷо директори нав буд. Ин директор низ ба вай ҳамон чизеро гуфт, ки директори пештара гуфта буд.

– Лекин ман ҳоло як костюми нав гирифтам! – ҷавоб дод падарам.

Директор хеле хашмгин шуд, ки коргарони масъул ин корро зери назорат нагирифтанд ва ба падар лозим омад, ки ин қадар роҳи дурро беҳуда тай кунад. Директор ба телефон дурудароз ҷанҷол кард ва дар охир гуфт:

– Пас бигузор ба худатон боз як костюми нав интихоб кунед!

Акнун падарам ду костюми нав дошт. Модарам ин ҳикояро шунида, боз бисёртар хандид. Тасаввур кун, баъди се моҳ костюми кӯҳнаи падарам ёфт шуд. Бо онҳое ки хоксор ҳастанд, чунин ҳодиса рӯй медиҳад.

Дар ояти мо чӣ гуфта шудааст? Биёед, як бор хонда дар ёд гирем. «Зеро ки ба дунё чизе наовардем, ва равшан аст, ки наметавонем чизе аз он бибарем. Бинобар ин модоме ки хӯрок ва либос дорем, аз он қонеъ хоҳем буд» 1 Тим. 6:7-8.

## 24 Шаш калима

Ошпаз картошка пӯст карда хобаш бурдаст, болои оташдон чойники об ҷӯшида истодааст. Гурба ҳам назди оташдон хоб аст, чунки он ҷо гарм аст. Ҳамон бегоҳ ба меҳмонхонае ки ин ошпаз кор мекунад, мавъизачӣ омад ва хост ин ҷо ҷамъомад гузаронад. Соҳиби меҳмонхона бо оилааш, ҳамаи онҳоеро, ки дар меҳмонхона шаб мегузаронданд ба ҷамъомад даъват карданд. Ҳама дар толори хӯрокхӯрӣ ҷамъ шуданд. Мавъизачӣ Китоби Муқаддасашро кушода, пурсид:

– Оё ҳама дар ин ҷо ҷамъ шуданд?

– Умуман, ҳама ин ҷо ҳастанд, ғайр аз ошпази мо Лили, ӯ дар ошхона хоб аст. Лекин вай кундфаҳм аст, на навишта метавонаду на хондан. Аксари ҳаёти худ вай хоб аст, – бо нафрат гуфт соҳиби меҳмонхона.

Аммо мавъизачӣ аз ӯ пурсид:

– Илтимос, ошпазро ҳам ба ҷамъомад ҷеғ занед, Худо одамони оддиро дӯст медорад ва мехоҳад, ки ҳама назди Ӯ оянд!

Соҳиби меҳмонхона ғур-ғуркунон ба ошхона рафт ва он ҷо дид, ки Лили корд дар даст хобида аст.

– Ту боз хобидаӣ, танбал! – аз китфаш силтав дода дод зад вай.

Лили бо тарс ба ӯ нигоҳ карда, ҳеҷ чизро намефаҳмид.

– Биё, имрӯз дар толори хӯрокхӯрӣ хоб карда метавонӣ! – гуфт вай.





Ҳангоми мавъиза Лили бепарвоёна ба ҳар тарафҳо нигоҳ мекард. Пас аз тамом шудани маъвиза ҳама ба ҳуҷраҳои худ баргаштанд. Мавъизачӣ аз Лили хоҳиш кард, ки ӯ монад.

– Лили, бигӯй, оё ту дуо мекунӣ? –аз вай пурсид ӯ.

– Не, – ҷавоб дод Лили.

– Набошад ман ба ту як дуо ёд медиҳам, агар ваъда диҳӣ, ки саҳару бегоҳ дуо мекунӣ, ва пас аз як сол боз омада, ба ту рӯймоли зебо мебиёрам.

Чашмони ошпаз дурахшиданд, вай рӯймолдор шудан мехост, аммо ӯ ғамгинона гуфт:

– Ман ба аз ёд кардан шавқу рағбат надорам, ман фақат пойафзол тоза карда, дар ошхона ёрӣ дода метавонам.

– Ин дуо хеле кӯтоҳ аст ва чунин калимаҳо дорад: «Исо, дили гуноҳолудамро ба ман нишон деҳ!» Ин шаш калимаест, ки ту дар ёд дошта метавонӣ. Сипас ба он аҳамият деҳ, ки Худо ба ту чӣ мегӯяд.

Аз ин рӯз иборат ошпаз саҳару бегоҳ бо ин калимаҳо дуо мегуфт.

Баъди як сол мавъизачӣ боз ба ин меҳмонхона омад. Ӯ дар бораи Лили пурсид. Соҳиби меҳмонхона ба вай гуфт:

– Аз ҳамон бегоҳ, ӯ хеле дигаргун шуд. Ӯ акнун бо саъю кӯшиш ғур-ғур накарда кор мекунад. Лекин якчанд рӯз шуд, ки ӯ дар ҷойгаҳ аст.

Мавъизачӣ ба пешаш рафта, рӯймоли ваъдадо-

даашро овард. Ӯ барои рӯймол хурсанд шуд, аммо дар дил чунон ғамгин буд, ки ба гиря кардан даромад.

– Барои чӣ гиря мекунӣ? – пурсид мавъизачӣ.

– Эҳ, дилам чунон бад аст, – ҷавоб дод ошпаз.

– Набошад чунин дуо кун: «Исо, ба ман дили пурмеҳри Худро нишон деҳ ва аз гуноҳам маро пок кун».

Ошпаз инчунин дуо карданро ваъда дод ва фарзанди хушнуди Худо гардид. Оё ту аллакай фарзанди Худо ҳастӣ?

## *25 Оё "субҳ ба хайр" дигар нагӯям?*

Рӯзи нав сар шуд, дар ин фасли мӯъҷизаосои баҳорон паррандаҳо махсусан хурсандона месароянд, кабӯтарҳо ваҳар-вуқур мекунанд, тамоми офариниш Офаридгорро, зебоӣ ва бузургии Ӯро ҳамду сано мехонанд. Падару модар пеш аз хӯрокхӯрӣ Китоби Муқаддас мехонанд, пас аз ин ҳама дуо мекунанд. Худо аз дуои мо хурсанд мешавад. Дуоҳо боиси баракати калон мешаванд. Исо гуфтааст, ки Падари осмонӣ ҳар дуоро мешунавад. Ӯ ҳеҷ гоҳ хоб намеравад, бинобар ин мо ҳар вақт пеши Ӯдар дуо омада метавонем.

Дар хонаи як сарватманд пеш аз хӯрок дуокуниро бас карданд. Рӯзе ба хонаи онҳо як мавъизачӣ омад. Дар рӯи дастархон аз нозу





неъматҳои зиёд ҳама чиз буд, беҳтарин шарбатҳои мевагӣ ва хӯрокҳои болаззат буданд. Аҳли оила сари дастархон нишастанд. Ҳама ба мавъизачӣ нигоҳ карда, фикр карданд, ки пеш аз хӯрокхӯрӣ вай дуо мекунад. Аммо мавъизачӣ гуфт:

– Сардори оила бояд сари дастархон дуо кунад.

Хомӯшии нохуше ба миён омад, чунки дар ин оила касе дуо намекард. Падар сулфида гуфт:

– Маъвизачии мӯҳтарам! Медонед, мо дар оила дуо намекунем, чунки дар дуо пеш аз хӯрокхӯрӣ ҳар вақт як чиз такрор мешавад. Дуои аз рӯи одат – гапҳои беҳуда аст. Ин ҳама такрорҳо ҳар рӯз, ҳар моҳ, ҳар сол ҳеҷ гоҳ ёрӣ намерасонанд, бинобар ҳамин мо дигар дуо намекунем.

Маъвизачӣ ҳайрон гардида ба ҳама нигоҳ кард, аммо духтарчаи ҳафтсолае гуфт:

– Падарҷон, наход, ки ман ҳар саҳар пеши шумо омада дигар "Субҳ ба хайр!" гуфта наметавонам?

Калонсолон шарм дошта, сар хам карданд. Боз хомӯшии нохуше ба миён омад. Духтарча гуфт:

– Агар касе аз шумо дуо кардан нахоҳад, набошад, чуноне ки ба ман дар мактаби якшанбегӣ ёд доданд, дуо мекунам.

Мавъизачӣ суханҳои Каломи Худоро ба ёдаш овард: «Аз даҳони кӯдакон... ҳамдро ба вуҷуд овардаӣ» (Заб. 8:3).

Биё дуо мекунем ва ба Худо шукр мегӯем, ки Ӯ ба воситаи Рӯҳулқудс дуо карданро ба мо ёд медиҳад. Ӯ доимо ба Падари осмонӣ дуо

мекард. Дуо карданро ҳеҷ гоҳ аз ёд набарорем ва беэътиноӣ накунем.

## 26 Ҳавои “сагона“

Пештар одамон бо тамоми оила тез-тез ба сайру гашт мебаромаданд. Кӯдакони хурдсолро дар коляска мебурданд, хӯроквории якрӯзаро бошад дар аробаи хурдакак бо худ мебурданд.

Лекин рӯзе шуд, ки серборищ буд. Оилае дар саҳро ба боду ҳавои номусоид рӯ ба рӯ шуд. Шамоли сахти боронӣ кулоҳи падарро бурд, чатри модар чаппа шуд, майдаяк ба кӯлмак ғалтид. Одатан одамон аз ин хел обу ҳаво норозӣ ҳастанд ва онро обу ҳавои ”сагона“ меноманд.

Шубон Флаттих чунин суханҳоро дӯст намедошт. Рӯзе вайро ба “ҷамъияти олӣ“ даъват намуданд. Вай доимо пиёда мегашт ва фойтунчиеро, ки граф барои ӯ фиристода буд, ҷавоб дода фиристод. Дар аснои роҳ боду ҳаво вайрон шуд. Шубон ба калъа тап-тар расида омад. Хизматгор дар хусуси боду ҳавои бад норозигӣ баён карда ба вай либоси хушк овард. Графиня ҳам хашмгин буд:

– Маҳз дар рӯзи таваллуди ман чунин боду ҳавои бад.

Шубон Флаттих боду ҳаворо тарафгирӣ карда, гуфт:

– Борон ҳам даркор аст.

Аммо меҳмонон боз зиёдтар норозигӣ баён карданд ва обу ҳаворо ”сагона“ номида, борону шамолро наҳ мезаданд.





Ниҳоят, ҳама ором шуда, ба сари дастархони пур аз нозу неъмат нишастанд. Хӯрокҳоро оварданд. Шубон шӯрборо чашида, қошуқро як сӯ монд ва бо овози баланд гуфт:

– Чӣ хел хӯроки бемаза! – ва хӯрданро бас кард.

Графиня ногаҳон қошуқро аз даст ғалтонд ва аз қаҳр суп-сурх шуд, вале чизе нагуфт. Хизматгор таомҳои дигарро овард. Шубон Флаттих ба табақчаи худ андак хӯрок андохта чашида дид ва чангакро як сӯ гузошта гуфт:

– Ҳақиқатан хӯроки сагон!

Тоқати графиня тоқ шуд ва бо ғазаб гуфт:

– Шояд, мӯҳтарам шубон, беҳад эрка шудаанд, ки тӯҳфаҳои Худо ба он кас писанд наомаданд.

– Шумо акнун ба даст афтодед, хонумаи азиз! Шумо барои хӯроке ки ҳатто худатон напухтаед, ба каҳр омадаед. Чӣ тавр ман метавонам хомӯш бошам, ҳангоме ки боду ҳавоеро, ки Худо офаридааст шумо наҳ мезанед?

Графиня сарзанишро фаҳмида, бахшиш пурсид. Шубон ҳама таомҳоро чашида хӯроки бомаза тайёршударо таъриф мекард. Пас аз он дуо карда барои хӯрок ба Худо шукр гуфт.

Бин, агар ба мо боду ҳаво маъқул нашавад, норозигӣ баён мекунем. Қариб дар ҳар ҷо одамон аз боду ҳаво норозӣ ҳастанд. Гоҳ барои онҳо беҳад сард аст, гоҳ беҳад гарм, гоҳ беҳад хушк, гоҳ беҳад намнок, ҳеҷ вақт боду ҳаво ба онҳо рост намеояд.

Масеҳиён бояд барои ҳама чиз шукргузор буда, Худоро ситоиш кунанд.

## 27 Оҳанро рӯзи якшанбе намезананд

Як оҳангари ҷавони масеҳӣ дар ҷустуҷӯи кор буд. Ӯро ба оҳангархонае, ки кор бисёр дошт ва дар он боинсофона кор мекарданд, қабул карданд. Аз саҳар то бегоҳ ин ҷо тақ-тақи болға ва виззоси сӯян хомӯш намешуд. Оҳангарӣ касби падару бобоёнаш буд ва ӯ кор карданро дӯст медошт, аммо вақте ки рӯзи якшанбе фаро расид ба монанди рӯзҳои корӣ тақ-тақи болға шунида шуд, ӯ хеле андӯҳгин шуд. Вай ба ҷамъомади масеҳиён рафтан мехост. Ӯ бо майлу хоҳиши бештар дами арғунуни ҷамоатро дам медод ва сурудҳои рӯҳонӣ мехонд, назар ба дамдиҳии дами оҳангарии металгудозӣ. Аммо хӯҷаин шахси чашмгурусна буд, ҳар қадар пул дошта бошад ҳам ба ӯ кифоя намекард. Вай аз рӯи шиори зерин амал мекард: ”Рӯзи якшанбе ҳам пул кор кардан лозим аст“.

Якшанбеи аввал оҳангари ҷавон ба амри хӯҷаин итоат кард, вале виҷдонаш чунон азоб медод, ки дигар тоб оварда натавонист ва ҷасурона ба назди хӯҷаин рафта гуфт:

– Усто, ман рӯзҳои якшанбе бе Каломи Худо зиста наметавонам. Агар дар оянда ба ман лозим ояд, ки рӯзҳои якшанбе кор кунам, дар мобайни ҳафта ман фақат ними одам мешавам. Бинобар ин аз шумо хоҳиш мекунам иҷозат диҳед, ки рӯзҳои якшанбе ба ҷамоат равам.





Аммо ӯ оромона ҷавоб дод:

– Не, ин тавр намешавад. Кори кӯраи оҳангархона тахти ҷавобгарии туст. Агар ногоҳ ба ман лозим ояд, ки ба ягон ҷо равам, ҳамаи кор бозмеистад.

– Ҷони ман бе Каломи Худо хушк мешавад, – шарҳ дод коргар, – шумо медонед, ки ман танбал нестам ва бо дилу ҷон кор мекунам. Аммо агар мумкин набошад, пас мумкин нест. Масеҳӣ рӯзи якшанбе бояд дар ҷамоат бошад.

Хӯҷаин чӣ гуфтанашро надониста, ба коргар нигоҳ кард. То ин дам дар оҳангархонаи вай чунин шахсони диндор набуданд.

– Хуб, – гуфт вай, – бигзор гуфтаи ту шавад. Ба ҷамоат бирав, аммо ба ҳар ҳол аз ту як чизро хоҳиш мекунам, агар фармоиши фаврӣ шавад, бояд дар ҷои кор бошӣ.

Ҷавон рӯзи якшанбе бо хурсандӣ костюми хокистарирангашро пӯшид ва бо суруднома дар даст ба ҷамоат рафт. Мавъиза ӯро то ба дараҷае рӯҳбаланд намуд, ки ӯ тамоми рӯз шоду хушҳол буд.

Як ҳафта гузашт. Хӯҷаин рӯзи шанбе ба вай гуфт:

– Мо фармоиши фаврӣ дорем. Ту бояд пагоҳ дар устохона бошӣ.

– Хуб, – ҷавоб дод ҷавон, – агар илоҷи дигар набошад, бигзор ин тавр шавад.

Аз ин рӯз иборат хӯҷаин дар охири ҳар ҳафта фармоиши фаврӣ дошт, ва коргар дигар ба ҷамоат рафта наметавонист. Музди кори рӯзи якшанберо

хӯҷаин дучанд медод.

Боре оҳангари ҷавон тоқат накарда гуфт:

– Ба ман пул лозим нест, якшанбе барои пул кор кардан вуҷуд надорад. Агар ман рӯзи якшанбе кореро ҳам кунам, танҳо аз рӯи эҳтиром ба шумо, пул ба ман лозим нест.

Усто аз ҳайрат чашмонашро калон кушода, ба масеҳии ҷавон нигоҳ кард. Аз ин рӯз ҳар якшанбе оҳангархона қуфл буд. Ҳа, акнун хӯҷаин ҳар рӯзи якшанбе бо коргари худ ба ҷамоат мерафт ва шахси худотарс шуд.

Бин, бо намунаи хуб назар бо суханҳои бисёр зиёдтар кардан мумкин аст.

Афсӯс, дар баъзе ҳолатҳо рӯзҳои якшанбе ҳам ба кор кардан маҷбур ҳастем. Масалан дар касалхона, дар идораи сӯхторхомӯшкунӣ, дар роҳи оҳан ва ғайра. Лекин агар илоҷ бошад, бояд рӯзи якшанберо пос дорем.

Биё аз Падари осмонӣ хоҳиш намоем, ки ба қадри имкон ҳар рӯзи якшанбе дар парастиш иштирок кунем, то ки Каломи Ӯро шунавем.

## 28 Бахилӣ бебаракат аст

Одами бахил фикр мекунад, ки ҳама чизи дигарон беҳтару зеботар мебошад, дар бораи худаш бошад фикр мекунад, ки ноҳақӣ карда, нисбати ӯ беинсофӣ мекунанд. Шахси бахил мехоҳад, ки ҳама чизи хуб танҳо аз они ӯ бошад. Ӯ мехоҳад аз ҳама хонаи калон ва зебо, ё назар





ба дигарон пули зиёд, ё мошин, ё асп, ё қаиқи бодбондор ва бисёр чизҳои дигар дошта бошад, ва ҳамеша аз дигарон беҳтар бошад.

Ду ҳамсоя буданд. Яке бой ва бахил буд, дигараш бошад камбағал, вале сахӣ буд. Рӯзе ба хонаи камбағал меҳмон омад.

Саҳари барвақт, пеш аз баромадани офтоб, соҳибхона аз хоб бедор шуда, барои меҳмон хӯроки хуб тайёр кард. Ҳангоме ки шуоҳои аввали офтоб ҳуҷраро равшан карданд, мусофир аз хобаш бедор шуд. Шаб ӯ хуб истироҳат кард ва ҳангоме ки ӯ хӯроки саҳариро тайёр дид, бо мамнуният фикр кард: «Чӣ хел одамони нағз ин ҷо зиндагӣ мекунанд, ман чӣ хел метавонам ба некияшон ҷавоб диҳам?» Пеш аз он ки меҳмон сафарашро давом диҳад, аз соҳибони хона хоҳиш намуд, ки се хоҳишашонро баён намоянд.

Чӣ хоҳиш намоем? Мо мехоҳем ба хурсандии ҷовид бо Худованд дохил шавем, дар замин бошад аз ризқу рӯзӣ ва саломатие ки Худованд медиҳад қаноатманд бошем. Дигар ҳеҷ хоҳиш надорем, – ҷавоб доданд онҳо.

– Оё шумо хонаи калони хуб, мисли ҳамсояи рӯ ба рӯятон, намехоҳед? – пурсид меҳмон.

– Рости гап хонаи хуб доштан бад нест. Ту чӣ фикр дорӣ, занак? – пурсид шавҳараш. – Аммо ин он қадар муҳим нест, – илова намуд ӯ, – ин чӣ хеле ки хости Худо бошад.

– Бигзор шуморо Худо баракат диҳад, одамони

нағз, – гуфт меҳмони рафта истода. – Ман барои шумо дуо хоҳам кард, то ки Худо шуморо дар имон ва дар омодагӣ ба шодии абадӣ нигоҳ дорад ва низ ризқи ҳаррӯзаатонро бидиҳад.

Бо ҳамин онҳо бо ҳам хайрухуш карданд. Меҳмонро роҳи дароз дар пеш истода буд, ин одамони бечора бошанд мебоист бо кори ҳаррӯзаи худ машғул мешуданд. Онҳо хурсандона ва хушбахтона кор мекарданд, охир онҳо кори нек карданд, кори нек кардан ҳамеша хурсандӣ меоварад.

Рӯзҳо ва моҳҳо паси ҳам мегузаштанд. Ҳамин тавр якчанд сол гузашт. Ин камбағалон аз дилу ҷон меҳнат мекарданд, ва агар ягон касро дар мӯҳтоҷӣ медиданд, ба ӯ ёрӣ мерасонданд. Меҳмоне ки дар хонаи онҳо шабро гузаронда буд, ҳамеша ба Худованд барои ин одамони нек дуо мекард. Ва дигар одамоне ки ин оилаи нек барояшон ягон вақт ёрӣ расонда буд, барояшон дуо мекарданд. Бинобар ин Худо меҳнати онҳоро баракат дода, дар корашон муваффақият дод. Ин камбағалон дар равиши вақт чунон миқдори зиёди пул ба даст оварданд, ки хонаи нави зебо сохтанд, ки аз хонаи ҳамсояи сарватмандашон ҳеҷ камӣ надошт. Дар ҳамин вақт сарватманд танҳо оиди он ғамхорӣ мекард, ки сарвати зиёдтар ғундорад. Ӯ ба касе аҳамият намедод, танҳо оиди сарвати худ ғамхорӣ мекард. Ӯ ҳатто пай набурд, ки чӣ хел ҳамсояаш хона сохт.

Оилаи сахӣ дӯстони бисёр доштанд, ва бо дӯстонашон муносибаташон хуб буд ва ҳамеша ба





якдигар ёрӣ мерасонданд. Дар хонаи навашон онҳо тез-тез одамонеро, ки мӯҳтоҷи ёрӣ буданд, қабул мекарданд, ва бечораву ғамзадагони зиёде аз хонаи онҳо рӯҳбаланду хушҳол баромада мерафтанд.

Дар хонаи ҳамсояи сарватмандашон ҳама чиз ба таври дигар буд. Қариб ҳеҷ кас ба хонаи ӯ намедаромад, ва агар оянд ҳам, ба монанди соҳиби хона сарватмандони бахил буданд. Баъзан чунин мешуд, ки камбағалон дарашро мекӯфтанд, лекин соҳибхона ҳамеша баҳонае меёфт, то ки ба онҳо ёрӣ нарасонад.

Ҳангоме ӯ дид, ки ҳамсояаш хона сохтааст, вай бисёр хост донад, ки онҳо чӣ хел ба ин ноил шуданд. Ӯ ба пешрафти онҳо хурсанд набуд, вай танҳо мехост донад, то ки агар мумкин бошад, сарвати худро боз ҳам зиёдтар намояд. Сарватманд ба назди онҳо занашро фиристод. Ин сарватмандон ҳеҷ гоҳ ба хонаи ҳамсояашон ба меҳмонӣ нарафта буданд, бо вуҷуди ин одамони нек ҳамсояи худро бо хурсандӣ қабул карданд, ва ҳангоми чойнӯшӣ ҳамаашро ба ӯ нақл карданд. Онҳо гуфтанд, ки ҳамеша ба Худованд дуо мекунанд ва бо ҷидду ҷаҳд кор мекунанд. Ҳам дар бораи он нақл карданд, ки онҳо бисёр дӯстони хуб доранд. Ва ҳангоме ки ин дӯстон дар ҳолати душвор бошанд, онҳо кӯшиш мекунанд ёрӣ расонанд. Ва на танҳо ба шиносон ва дӯстон, балки ба бегонагон низ ёрӣ мерасонанд. Онҳо оиди он мусофире низ нақл карданд, ки дар хонаи онҳо шаб гузаронида буд ва баъд ваъда дод, ки барои онҳо дуо хоҳад кард.

Сарватманд қарор дод, ки ӯ низ ҳамин тавр кунад. «Шояд ман боз ҳам зиёдтар бой хоҳам шуд», – фикр кард ӯ. Аммо аҷоибаш ин буд, ки мусофирони бечора дар хонаи ӯ худашонро нороҳат ҳис мекарданд. Охир бойҳо барои онҳо ғамхорӣ намекарданд. Онҳо барояшон танҳо ягон чизи хӯрданӣ медоданд, аммо худашон бо онҳо сари дастархон наменишастанд. Ва боз, назора мекарданд, ки меҳмонҳояшон бисёр нахӯранд. Аммо ба зудӣ ин ба ҷонашон расид, зеро ба ҳар луқмаи ноне ки барои хӯрдан медоданд, дилашон месӯхт. Онҳо кӯшиш карданд, ки дуо кунанд, аммо дар дуо онҳо танҳо оиди даромадашон фикр мекарданд ва ҳатто намедонистанд, ки боз барои чӣ дуо кунанд. Ҳамшаҳриҳояшон аз онҳо худро канор мегирифтанд, зеро ки ин одамони сарватманд ҳамеша туршрӯй буданд. Ин одамон сарвати зиёд доштанд, аммо ҷонҳои зарардида. Чунин одамон дар абадият дар осмон буда наметавонанд. Ва ҳеҷ гуна сарват барои даромадан ба он ҷо ба онҳо ёрӣ расонда наметавонад, охир онҳо Худовандро дӯст намедоранд.

Биё дуо мекунем, ки Худованд ҷонҳои моро саломат нигоҳ дорад, то ки мо ба дигарон ҳасад набурда, ҳамеша хурсанд бошем ва дигаронро бо ғамхориҳоямон хурсанд намоем.

Ҳозир мо ба Худованд дуо мекунем, то ки Ӯ моро аз ҳасад озод кунад ва ба мо хоҳиш диҳад, ки пеш аз ҳама оиди ҳаёти ҷовидонӣ ғамхорӣ





намоем. Он гоҳ ҳама чизи заминиро Худованд муҳайё месозад.

## *29 Агар худи ҳозир аз роҳ як тараф наравӣ,...*

Подшоҳии Осмон барои он шахсоне тайёр карда шудааст, ки бар хашм ва дигар гуноҳҳо бо қуввати Исои Масеҳ ғолиб меоянд. Чунин шахсон метавонанд бо ёрии Худованд касонеро, ки онҳоро ранҷондаанд, бубахшанд. Хашм ба қатори гуноҳҳои калон дохил мешавад. Баъзе кӯдакон зуд асабӣ мешаванд ва дар сарашон фикрҳои бад пайдо мешаванд. Чунин рух медиҳад, ки онҳо танҳо барои он хашмгин мешаванд, ки каси дигар бо бозичаҳои онҳо, ки худашон бозӣ карданӣ буданд, бозӣ карда истодааст. Чӣ хуб мешуд, агар кӯдакон ба якдигар бахилӣ накунанд. Охир баъди муддате онҳо метавонанд боз худашон бо бозичаҳояшон бозӣ кунанд.

Боре ман дидам, ки чӣ хел дар кӯча ду кас ҷанг карда, сару рӯи якдигарро хуншор карданд, танҳо барои он ки яке аз инҳо мошинашро дар ҷое ки шахси дигар мондан хост, монд.

Вақти пеш, ҳангоме ки ҳанӯз мошинҳо набуданд, ду ароба дар роҳи борике бо ҳам вохӯрданд. Аробакашҳо якрав буданд ва ба якдигар роҳ намедоданд.

– Роҳро холӣ кун! – гуфт аввалин.

– Давр зада мегузарӣ! – фарёд зад дигар.

– Чӣ? – хашмгин шуд аввалин.

– Он чи шунидӣ! – якравӣ мекард дагараш.

Ҳеҷ кас гузашт кардан намехост, ва кор то ба фарёдзаниву ҳақораткунӣ расид.

– Гӯш кун, – гуфт, ниҳоят якум, – бори охир мепурсам: ту аз роҳ як тараф меравӣ ё не?

Чашмонаш аз хашм танг гардиданд.

– Агар худи ҳозир аз роҳ як тараф наравӣ, ман бо ту чунон рафтор мекунам, ки имрӯз аллакай бо шахси дигари ба ту монанд карда будам.

Ин гап таъсир кард.

– Хайр майлаш, – ғур-ғур кард дар ҷавоб дигарӣ, – ба ман ёрӣ расон, то ки аробаатро ақаллан каме яктарафа кунам, то ки ман гузашта тавонам.

Ин ба шахси аввал писанд омад. Онҳо якҷоя аробаро тела доданд, ва сабаби банд шудани роҳ бартараф карда шуд. Дарҳол ҳамин тавр мекарданд беҳтар мебуд, ҷанҷол кардан ҳам лозим намеомад.

Пеш аз он ки ҳар яке ба роҳи худ равад, касе ки роҳ дод аз дигараш пурсид:

– Гӯш кун, ту ба ман таҳдид намудӣ, ки бо ман чунон рафтор мекунӣ, ки бо дигар кас аллакай имрӯз кардӣ. Ба ман гӯй, ки ту бо ӯ чӣ кор кардӣ?

– Тасаввур кун, он шахси дағал ба ман роҳ доданӣ набуд. Ба ман лозим омад, ки ба *вай* роҳ диҳам!

Дар як зарбулмасал чунин гуфта мешавад; «Одами боақл якравӣ намекунад».

Ҳангоме ки одамон ҷанҷол мекунанд, онҳо бохирадона рафтор намекунанд. Кӣ метавонад ба





мо кӯмак кунад, ки мо хирадманд шавем? Албатта, Исои Масеҳ. Ӯ ҳамеша ҳикмати илоҳӣ дошт ва танҳо нисбати гуноҳҳои одамон хашмгин мешуд.

## 30 Куртаи шахси хушбахт

Як подшоҳи сарватманд ғами зиёд дошт. Шабона хобаш намебурд, рӯзона бошад ғам ӯро тарк намекард. Хӯрок дар даҳонаш бемаза менамуд, ва ӯ тамоман рӯҳафтода шуд. Дарбориён ва духтурон барои подшоҳи худ дар ташвиш буданд, аммо касе намедонист чӣ тавр ба ӯ кӯмак кунад.

Дар яке аз рӯзҳо яке аз дарбориён ба подшоҳ гуфт:

– Ҷаноби олӣ, танҳо як роҳ ҳаст, ки шумо аз ғам озод шавед. Дар кишвари мо шахсеро, ки хушбахт бошад, ва аз ҳама чиз розӣ бошад, ёфта, куртаи ин одамро гирифта ба шумо пӯшонидан лозим аст. Он гоҳ ғам шуморо ҳамон лаҳза тарк мекунад.

Дарҳол қосидонро омода намуда, ба чор тарафи мамлакат ба ҷустуҷӯи чунин одам фиристоданд, аммо ин кори осон набуд. Яке сарватманд буд, аммо занаш бадфеъл буд. Зани шахси дигар хуб буд, аммо кӯдакони бетарбияаш ғаму ташвиши зиёде ба ӯ меоварданд. Шахси сеюм гӯё ки аз занаш розӣ буд, ва кӯдакони хуб дошт, аммо худаш бемор буд. Шахси чорум камбағал буд, ва ҳама ӯро тамасхур мекарданд. Ҳар кас мушкилиҳои худро дошт, ва мехост, ки мушкилоташро ба таври худ ҳал намояд.

Қосидони рӯҳафтодашудаи подшоҳ хастаҳолона бармегаштанд, дар ҳеҷ ҷо онҳо шахси хушбахт ва аз ҳама чиз қонеъро ёфта натавонистанд. Ногаҳон онҳо як деҳқонеро диданд, ки сурудхонон дар кӯча мерафт. Дарбориён хурсанд шуда, ӯро пурсуҷӯ карданд, ки оё ӯ аз зиндагияш қонеъ аст.

– Бале, – ҷавоб дод он шахс. – Саҳар аз хоб бедор шуда ман Худоро барои саломатиям шукр мегӯям, бегоҳ ман ба Ӯ барои хуб гузаштани рӯзам миннатдорӣ баён мекунам. Ман аз ҳама чиз розӣ ҳастам.

Он гоҳ дарбориён аз ӯ хоҳиш карданд, ки ба онҳо куртаашро диҳад, ва барояш пули бисёре пешниҳод намуданд.

– Ман бисёр мехостам, ки ба шумо кӯмак кунам, – гуфт деҳқон, – аммо афсӯс, ки ман танҳо камзӯл дорам, ва таги камзӯл ҳеҷ чиз надорам, ман курта надорам.

Дарбориён дасти холӣ ба қаср баргаштанд. Онҳо ҳамин тавр ба подшоҳ кӯмак карда натавонистанд.

Албатта ҳеҷ гоҳ чунин рух надода буд, аммо мо метавонем аз ин дарсе гирем. Танҳо Исои Масеҳ метавонад моро хушбахт гардонад ва чунин кунад, ки мо аз ҳама чиз қонеъ бошем. Ӯ мегӯяд: «Назди Ман оед, эй ҳамаи заҳматкашон ва гаронборон, ва Ман ба шумо оромӣ хоҳам бахшид; юғи Маро ба гардани худ гиред ва аз Ман таълим ёбед, зеро ки Ман ҳалим ва фурӯтан ҳастам, ва ҷонҳои шумо оромӣ хоҳад ёфт; зеро ки юғи Ман хуш ва бори





Ман сабук аст» (Матто 11:28-29).

Биё дуо мекунем, ки Худованд моро ёд диҳад, то аз он чизе ки Ӯ ба мо медиҳад, розӣ бошем ва ҳамеша барои ҳама чиз Ӯро шукр гӯем.

## *31 Аккаи дузд*

Вақти пухтани олуча расид. Дурроҷҳо ва сочҳо парида омада, меваҳои пухтаро нӯл мезананд. Кӯдакон бо хурсандӣ дар ҷамъоварии ҳосил иштирок мекунанд. Аммо бисёр кӯдакон меваҳои бомазаро аз боғҳои дигарон бе иҷозат чида мегиранд.

Чунин воқеъ шуд, ки писарчае назди модараш, ки дар оғил гов меҷӯшид, омада кулоҳи пур аз гелосро нишон дод.

– Модарҷон, нигоҳ кунед, ман чӣ овардам!

– Ту онҳоро аз куҷо гирифтӣ? – ҳайрон шуд модараш.

– Ман онҳоро аз дарахти гелоси худамон чидам, – ҷавоб дод писараш, аммо дар вақти сухан рондан овозаш камтар ларзид.

– Аз боғи мо?

– Бале, аз гелоси паси оғиламон, – боисрор гуфт дузди хурдакак.

Модараш дигар ҳеҷ чиз напурсид, ба вай ҳамааш маълум буд: писараш аз куҷое гелос дуздид. Ӯ оромона аз оғил баромад. Ногаҳон писарча ба хотир овард, ки дар боғи онҳо танҳо олуча мерӯяд!

Писарча аз паси модараш ба ҳавлӣ баромад. Ӯ модарашро назди чоҳ дид. Модараш гиря мекард.

– Модар, маро бубахшед, ман шуморо фиреб додам. Гелос аз боғи мо не. Ман... ман... онро аз ҳамсоя дуздидам, – иқрор шуд вай, ва оби дида ба рухсораш шорид.

Модар сари ӯро сила карда, гуфт:

– Писарам, рафта онро ба ҳамсоя нишон деҳ ва бахшиш пурс. Ҳамаашро чӣ хеле ки буд, нақл кун ва гӯй, ки ин дигар такрор намешавад.

Писарча оҳиста-оҳиста назди ҳамсоя рафт (охир аз иқрор шудан дар корҳои бад шарм дошт), ва чизеро, ки дуздида буд, ба ӯ нишон дод.

– Эҳ, – хандид деҳқон, – аз ин гелос, ман ҳеҷ гоҳ ҳосил гирифта наметавонам. Ҳамаашро кӯдакон ва паррандаҳо медузданд. Набошад, ту ҳам чунин аккаи дузд ҳастӣ? Хайр, ҳеҷ гап не, яке кам, яке зиёд, бадбахтии калон не.

Бегоҳӣ, вақте ки модараш бо писарча дуо мекард, бача ҳанӯз ҳам гиря мекард. Ӯ аккаи дузд шудан намехост. Ӯ дигар гуноҳ кардан намехост, зеро ки Худо аз ин бисёр ғамгин мешавад.

## *32 «Биё лонаро вайрон кунем!»*

Дар яке аз рӯзҳои тобистон ду писарча ба ҷангал рафтанд. Номи яке Яҳё ва номи дигараш Миша буд. Баъди чанд вақт Миша дар болои дарахт лонаеро дид. Писарчаҳо қарор доданд, ки онро вайрон кунанд. Ҳангоме ки онҳо болои





дарахт баромаданд, Яҳё суханони падарашро ба хотир овард, ки вайрон кардани лонаҳо гуноҳ аст.

– Миша, – гуфт ӯ, – медонӣ, охир вайрон кардани лона гуноҳ аст! Падарам ба ман гуфт, ки Худо ҳар касеро, ки чунин рафтор мекунад, назора мекунад.

– Ин сафсата аст, ту танҳо тарсончак ҳастӣ ва метарсӣ, ки шохчаҳо мешикананд. Гапи беҳуда, охир ҳеҷ кас моро намебинад, дар атроф касе нест. Биё, ба ман ёрӣ расон!

Ӯ Яҳёро розӣ кунонд ва онҳо ба дарахт баромаданро давом доданд, гарчи виҷдон ҳар дуяшонро азоб медод. Ниҳоят онҳо ба назди лона баромаданд. Он ҷо панҷ тухм буд. Миша дутояшро ба Яҳё дод, ва сетояшро худаш гирифт. Онҳо тухмҳоро дар кисаашон пинҳон карда, лонаро ба замин партофтанд.

Ҳангоме ки онҳо мефуромаданд, як шохча шикаста писарчаҳо ғелон ба поён афтиданд. Якчанд вақт онҳо беҳуш хобиданд. Ҳангоме ки онҳо ба ҳуш омаданд, маълум шуд, ки пои Миша баромадааст ва дасти Яҳё шикастааст.

Бо мушкилии зиёде онҳо ба хона расиданд. Аммо одатан аз пайи як гуноҳ гуноҳи дигар меояд.

– Агар падарам аз ман пурсад, ки ба пои ман чӣ шудааст, ман мегӯям, ки лат хӯрдам. Ту бошӣ, мегӯӣ, ки афтидӣ ва дастатро шикастӣ, фаҳмидӣ?

– Ман ин корро намекунам, – эътироз кард Яҳё. – Кифоят аст, ки мо лонаро вайрон кардем, ман фиреб намедиҳам.

Ҳангоме ки Миша ба хона омад, падараш пурсид, ки чаро ӯ мелангад.

–Ҳангоми дар ҷангал бо Яҳё бозӣ карданам пешпо хӯрда ба ҷӯй афтидам. Ҳеҷ гап не, ман фикр мекунам, ки пагоҳ ҳамааш мегузарад.

Аммо пояш то рафт варам мекард, писарча дигар тоқат надошт ба ин дард тоб оварад. Волидайнаш духтурро ҷеғ заданд. Духтур пои Мишаро аз назар гузаронида гуфт, ки пештар ӯро ҷеғ задан лозим буд, акнун пойро дуруст кардан мумкин нест.

Баъди чанд моҳ варамаш гашт ва дидан мумкин буд, ки як пояш аз дигараш кӯтоҳтар буд. Миша тамоми ҳаёт ланг мемонад.

Яҳё дар хона ҳама чизро чӣ хеле ки буд, чӣ хел онҳо болои дарахт барои вайрон кардани лона баромаданд, ва чӣ хел ӯ афтид, нақл кард. Духтур тез дасти ӯро муоина кард. Баъди якчанд ҳафта бо меҳрубонии Худо дасташ сиҳат шуд, ва ҳеҷ пайе аз шикастагӣ намонд.

Агар мо ягон кори бад карда бошем, зуд ба ҳамааш қоил шудан беҳтар аст, вагарна кор бадтар мешавад. Мо дар Китоби Муқаддас мехонем: «Агар гӯем, ки мо гуноҳе надорем, – худамонро фиреб медиҳем, ва дар мо ростӣ нест. Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Ӯ амин ва одил аст, ки гуноҳҳои моро биомурзад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок намояд» (1 Юҳ. 1:8-9).





## *33 Гули садбарги Сомон*

Ҳангоми шукуфтанаш садбарг бӯи хуш ва форамро паҳн мекунад. Назди боғбон чор кӯдак истодааст: ду духтарча ва ду писарча. Фирдавс ба гӯши Сомон чизе мегӯяд. Онҳо якчанд гули садбарг duздиданд. Дар хона падараш аз Сомон пурсид:

–Ин гулҳои садбаргро ту аз куҷо гирифтӣ?

–Бобои Гулчеҳра онҳоро ба ман тӯҳфа кард!

–Канӣ, наздиктар биё, Сомон. Ин гулҳои садбаргро ту аз куҷо гирифтӣ? Охир чаро ту хомӯшӣ?

Падараш ӯро аз дасташ гирифта, сӯи худ кашид. Чашмони ӯ, ки одатан меҳрубон буданд, аз хашм тира гаштанд.

–Бобои Гулчеҳра гули садбарг надорад. Сомон, росташро гӯй, ки ин гулҳоро аз куҷо гирифтӣ?

Фиребгари майдаяк гиря карда, ба ҳама кораш иқрор шуд.

–Писаракам, фикр кун, – мегӯяд падараш, – ба қарибӣ дӯстат Фирдавс тӯбатро гирифт. Ин хуб буд?

–Не, падар!

–Вақте ки ту аз Фирдавс пурсидӣ, ки тӯбат куҷост, вай туро фиреб доданӣ шуда, гуфт, ки тӯбро ту худат ба ҳавз афтондӣ, агарчи тӯбро дар дасти ӯ дида будӣ. Ин ба ту маъқул шуд?

–Не.

–Баъди ин ту назди ман ғамгин омадӣ ва аз ман

хоҳиш намудӣ, ки Фирдавсро ҷазо диҳам, зеро ки ӯ писарчаи бад аст ва туро фиреб дод. Ман ба ту гуфтам: «Сомон, аз Худо хоҳиш намо, то ки худат ба чунин гуноҳ наафтӣ». Дирӯз ту ба ман гуфтӣ, ки дар мактаб даҳ аҳкомро гузаштед. Дар хотир дорӣ, ки ҳукми ҳафтум чӣ мегӯяд? Дуздӣ *на*-кун! – бо таъкид такрор кард падараш.

Сомон зор-зор гиря мекунад. Падараш дасташро ба китфи ӯ гузошта гуфт:

– Муҳим аст, ки ту ба гуноҳат иқрор шавӣ ва аз Худо бахшиш пурсӣ. Падари Осмонӣ ҳамаи гуноҳонро ба дӯши Писараш Исои Масеҳ гузошт, Ӯ дар салиб азоб кашид, то ки мо осоиштагӣ ва бахшоиши гуноҳонро ба даст оварем.

Сомон дасти падарашро бӯса мекунад, онҳо якҷоя дуо мекунанд ва писарча хурсанд аст, ки акнун боз ҳамааш хуб аст.

«Касе ки дуздӣ кардааст, дигар дуздӣ накунад, балки меҳнат карда, бо дастҳои худ кори фоиданоке ба ҷо оварад, то чизе дошта бошад, ки ба эҳтиёҷманде бибахшад» (Эфс. 4:28).

## 34 Меҳмони беодоб

Шоҳи худотарс Алфонс розӣ набуд, ки бисёре аз хизматгорони даргоҳи ӯ аз Худо дур мешуданд. Ӯ пайхас намуд, ки ашрофон пеш аз хӯрок хӯрдан дуо намекунанд. Бинобар ин боре ӯ ҳамаи ҷамъияти бехудоро ба хӯроки идона даъват намуд. Ҳангоме ки бо ишораи шоҳ хӯрок оварданд, ҳама





бе дуо ҳарисона ба хӯрокхӯрӣ даромаданд.

Ногаҳон як чизи ғайриоддие рух дод. Ба толор як одам бо сару либоси ифлосу дарида даромад, ва бе иҷозат байни аъёну ашроф нишаста чалп-чалп карда ба хӯрдан даромад. Онҳо ба ҳайрат монда буданд ва бо хашм ба меҳмони нохонда нигоҳ мекарданд. Онҳо интизор буданд, ки шоҳ фармон медиҳад, то ин шахси беодобро берун баroранд. Аммо шоҳ худаш ин шахсро ба қаср даъват кард, ва пешакӣ бо вай маслиҳат кард, ки байни ин ҷамъият вай бояд чӣ хел рафтор кунад. Бинобар ин вай тамоман ором буд ва ба гадои сару либосаш дарида халал нарасонд, ки чалп-чалп карда хӯрок хӯрад. Гадо даҳонашро бо остинаш пок карда, лаълиро лесид ва ба подшоҳ миннатдорӣ ва таъзим накарда, пойкӯбон аз толор баромада рафт.

– Чӣ гуна марди беодоб ва беинсоф! – фарёд заданд дарбориён. – Ӯро ҷазо додан лозим аст!

– Ҳамту-мӣ? – ҳайрон шуд шоҳ. – Ба шумо гадо писанд наомад? Вай ҳамон кореро кард, ки шумо низ мекунед. Ӯ шоҳро ҳурмат накард, сари миз боадабо-на рафтор карда наметавонад. Шумо бошед чӣ кор мекунед, ҳангоме ки сари миз дуо накарда мениши-нед? Шумо Подшоҳи осмонро ҳурмат накардед ва ба Ӯ барои хӯрок миннатдорӣ баён накардед. Шумо ҳарисона ба хӯрок часпидед ва Худоеро, ки диҳандаи ҳамаи неъматҳост, фаромӯш кардед. Чӣ шармандагӣ! Шарм доред, худобехабарон, пеш аз хӯрок саратонро хам карда дуо гӯед.

## 35 «Олим, ту дар куҷоӣ?»

Ҳасан дӯсте дошт, ки он майнаи ромшуда буд. Ҳасан барои ӯ ғамхорӣ мекард, хӯрок медод, бинобар ин парранда ба ӯ боварӣ дошт. Майна суханҳои зиёде медонист. Ба Ҳасан лозим меомад, ки то хӯроки нисфирӯзӣ бо майна танҳо монад, зеро ки бародараш Олим аллакай ба мактаб мерафт. Ҳасан зиқ мешуд ва такрор ба такрор мегуфт: «Олим, ту дар куҷоӣ?», зеро ба назараш чунин менамуд, ки бародараш дер карда истодааст. Парранда ин ҷумларо аз ёд кард.

Боре модараш бо Ҳасан ба шаҳр рафтанд. Олим назди тирезаи кушода нишаста дарс тайёр мекард. Ногаҳон аз дигар ҳуҷра касе ҷеғ зад:

– Олим, ту дар куҷоӣ?

– Ҳозир меоям, – ҷавоб дод писарча ва ба ҳуҷрае ки аз он овоз шунида мешуд, давида рафт, аммо он ҷо ҳеҷ кас набуд. Олим дарс тайёр карданашро давом дод. Баъди чанд муддат боз касе фарёд кард:

– Олим, ту дар куҷоӣ?

Олим аз зинапоя давида поён фаромада, ҷавоб дод:

– Ту аз ман чӣ мехоҳӣ? Кӣ маро ҷеғ мезанад?

Вай ҳама ҷои хона, боғ, ҳамаи буттаҳо ва дарахтонро ҷустуҷӯ намуда касеро наёфт. Ӯ озурдахотир шуда, ба ҳуҷраи худ бардгашт ва аз нав ба дарстайёркунӣ даромад. Баъди панҷ дақиқа ҳамон овоз шунида шуд:

– Олим, Олим, ту дар куҷоӣ?





– Интизор нашав, ки туро аз нав давида рафта мекобам, – бо хашм ҷавоб дод писарча. Аммо дар ин вақт аз ҳавлӣ овоз омад:

– Олим, ту дар куҷоӣ?

– Ҳоло ист, бешарм, ман туро дастгир мекунам!

Олим давида аз зинапоя поён фуромад. Чашмонаш аз хашм медурахшиданд.

– Ту куҷоӣ, роҳзан? – фарёд зад ӯ ва рӯяш сурх шуд. Ногаҳон аз пушти анбор садо баромад:

– Олим, ту дар куҷоӣ?

Олим дигар тоқат надошт. Писарча гирякунон назди падараш давида рафту ҳамаашро ба ӯ нақл кард. Падараш хандид, ӯ кайҳо боз ин саҳнаро тамошо мекард. Ӯ Олимро аз дасташ гирифта, ба боғ бурд ва ба ӯ майнаи болои дарахт нишастаро нишон дод:

– Нигоҳ кун, вай туро ҷеғ мезанад. Ин ҷумларо вай аз Ҳасан омӯхтааст.

Олим хам шуда санг гирифт ва хост онро сӯи майна партояд.

– Барои чӣ ту чунин кардан мехоҳӣ? – ҷиддӣ пурсид падараш аз ӯ.

– Ӯ маро масхара кард! – ҷавоб дод Олим.

– Ором шав, писарам, – гуфт падараш. – Ту рӯзи дароз мегӯӣ: Худоҷон, ба наздикӣ нисфирӯзӣ мешавад! Эй Худо, боз чӣ қадар дарс тайёр карданам лозим аст? Эй Худо, борон меборад ва ғайра ва ҳоказо. Ту ҳамеша Худоро ҷеғ мезанӣ, аммо бо Ӯ гап задан тамоман намехоҳӣ. Агар Худо ҳар дафъа омада

аз ту мепурсид, ки ту аз Ӯ чӣ мехоҳӣ? Фикр мекунӣ Худо намебинад, агар чунин як роҳзани майдаяк Ӯро ҷеғ мезанад, аммо бо Ӯ гап задан намехоҳад. Мо бисёр вақт дуо мекунем: «Худовандо! Маро, ки бо овози худ мехонам, бишнав, ва ба ман марҳамат намо ва маро иҷобат бикун!» Худо аз куҷо медонад, ки ту Ӯро акнун ҳақиқатан ҳам ҷеғ мезанӣ ё не?

Олим шарм кард. Ӯ ин дарсро фаҳмид. Аз ҳамин вақт сар карда ӯ бо эҳтиёт сухан мегуфт ва кӯшиш мекард, ки номи Худоро беҳуда ба забон наронад. Майна бошад дӯсти беҳтарини ӯ шуд.

## 36 Васваса

Баъзе одамон мегӯянд, ки мӯрирӯб муваффақият меоварад. Онҳо бовар мекунанд, ки наъли ба мошин часпондашуда онҳоро аз садама нигоҳ медорад, юнучқаи чорбарга бошад хушбахтӣ меоварад. Дигарон чунин меҳисобанд, ки рақами сенздаҳ рақами номуборак мебошад. Чунин одамон қатъиян намехоҳанд дар меҳмонхона дар ҳуҷраи сенздаҳум зиндагӣ кунанд. Онҳо одамони хурофотпарастанд. Хурофот ба Худо писанд нест. Падари осмонӣ аз чунин одамон розӣ нест. Агар мӯрирӯб бахт меоварда бошад, он гоҳ сокинони Амрикои шимолӣ бояд аз ҳама одамони бадбахт бошанд, зеро ки он ҷо чунин «мӯрирӯбон» нестанд, ва одамон худашон мӯриҳояшонро тоза мекунанд.

Сад сол пеш кӯдакон маҷбур буданд корҳои вазнин кунанд, мисол, дар конҳои ангишт, ки





панҷсад метр зери замин ҷойгир буданд, ё дар ягон фабрика, ё мӯрирӯб шаванд. Онҳо бо ин роҳ барои ризқу рӯзияшон пул кор мекарданд. Дар Инглистон чунин мӯрирӯбони майдаяк ҳатто ба оташдон медаромаданд, то ки онро тоза кунанд. Аз мӯриҳо онҳо тамоман сиёҳ шуда мебаромаданд. Як писарчаи камбағали мӯрирӯб, ки усто ӯро ба хонаи одамони бой фиристода буд, он ҷо соати тиллоии кисагиро, ки бо сангҳои қиматбаҳо оро дода шуда буд, дид. Дар ҳуҷра касе набуд. Ӯ соатро бо эҳтиёт ба дасташ гирифта, бо хурсандии назаррас аз назар гузаронидани ин чизи қиматбаҳоро сар кард. «Эҳ, агар ман чунин соат медоштам, – фикр кард ӯ. – Аммо ман агар онро гирам, он гоҳ ман дузд хоҳам буд, Худо фармудааст, ки дуздӣ накунем». «Инро касе намебинад!» – фикри дигаре ба сараш омад. «Не, – эътироз намуд ӯ, – Худо дар ҳама ҷо маро мебинад. Баъд чӣ хел ман метавонам ба ҷамоати масеҳӣ рафта, дуо кунам? То дами марг ман дар дилам осоиштагӣ нахоҳам дошт».

Бо ин фикрҳо мӯрирӯби майдача соатро ба ҷояш гузошта, бо овози баланд гуфт:

– Камбағали ҳалолкор будан беҳтар аст назар ба бойи дузд будан. – Баъди ин суханҳо вай аз пайи кораш шуд.

Субҳи рӯзи дигар соҳибхоназан аз ӯ пурсид:

– Дӯстам, барои чӣ ту дирӯз соатро нагирифтӣ?

Писарча аз тарс ба ларза даромад. Соҳибхоназан сари ӯро сила кард:

–Натарс майдача, ман ҳамаашро шунидам. Ба Худо миннатдор бош барои он ки Ӯ ба ту қувват дод, то ба васваса муқобилат намоӣ. Ман барои таҳсил ва ҷои зистат ғамхорӣ мекунам. Агар ту дар оянда низ барои иҷро кардани аҳкоми Худо саъю кӯшиш намоӣ, зиндагият хуб хоҳад шуд.

Мӯрирӯби камбағали ятим дертар косиби хубе шуд, ӯ масеҳии ҳақиқӣ ва хизматгори боваφои Худо монд. Ба аҳкоми Худо итоат карда, бовафо мондан ба ятими бечора мадад расонд, ки одами хушбахт шавад.

## 37 Аҷириқ

Дар боғ ҳамеша кор бисёр аст. Аллакай дар аввали баҳор заминро чуқуртар пойбел кардан лозим аст. Дар баробари ин бисёр муҳим аст, ки решаи алафҳои бегонаро канда нобуд кунӣ, то ки онҳо рӯида натавонанд.

Модар дар боғ барои Лола ҷӯяке ҷудо намуд, ки он ҷо ӯ гул шинонда тавонад. Ҳангоме ки баҳор фаро расид, Лола онро пойбел намуд. Модараш ба ӯ гуфт:

–Лола, агар аҷириқ ёбӣ, онро канда ба ҳезумхона бар, мо онро месӯзонем.

Лола решаи алафи бегонаро канда мегирифт, аммо ин кори хастакунанда буд. Ӯ решаҳои майдаро наканд. «Онҳо зарари калон расонида наметавонанд», – фикр кард ӯ.

Ҳамин ки тобистон фаро расид, тамоми ҷӯяк пур аз алафи бегона шуд. Модараш ӯро аз дасташ гирифта назди ҷӯяк бурд ва гуфт:





–Лола, нигоҳ кун, баҳорон ту танҳо решаҳои калони аҷирикро канда гирифтӣ. Ту фикр кардӣ, ки эҳтимол решаҳои хурдаш зарар намерасонанд. Ана акнун онҳо рӯиданд ва тамоми ҷӯяк вайрон шудааст. Бигзор ин барои тамоми ҳаётат дарси ибрат шавад. Оиди дили одам низ ҳамин суханонро гуфтан мумкин аст. Касе ки танҳо гуноҳҳои калонро нобуд мекунад, ва майдаро мемонад, дили он шахс ба зудӣ пур аз гуноҳ мешавад, зеро ки гуноҳҳои хурд калон мешаванд. Бинобар ин аз Худо марҳамат талаб намо, то ки ту гуноҳҳои худатро бинӣ, ва сари вақт онҳоро нобуд карда тавонӣ.

Худо ба ҳазрати Нӯҳ гуфта буд, ки андешаи дили одам ҳама вақт бад аст. Аммо касе ки сари вақт онҳоро аз дилаш нобуд мекунад, ҳаёти он шахс осонтар мешавад.

## 38 Модари ғамхор

Оё ту медонӣ саъва чист? Ин як намуди паррандаест, ки аз гунҷишк майдатар мебошад.

Боре, ман дар айвончаи назди дарахти нок нишаста будам. Болои дарахт кайҳо боз лонаи саъваро пай бурда будам. Лона даруни мӯинае ки дар пӯсти дарахти пири нок ҷамъ шуда буд, ғамхорона пинҳон карда шуда буд. Он ҷо панҷ саъваи майдача буданд. Модарашон бо ҷидду ҷаҳди зиёд ба онҳо хӯрок меовард. Ба зудӣ раъду

барқ шуд ва борон борид. Аз айвонча ман дидам, ки парранда зуд парида омад, ва кӯшиш намуд, ки чӯҷаҳояшро пинҳон намояд. Вай қанотҳояшро болои лона то андозае ки метавонист, калон кушод, ва бо ин роҳ борон ва жоларо нигоҳ медошт. Дарахт аз шамол ба ҳар тараф меҷунбид, аммо модари вафодор наметарсид. Ҳангоме ки борон тамом шуд, ман гуфтам: «Худоро шукр! Ту, парранда, намунаи бовафоию фидокории модаронаро нишон додӣ, акнун боз офтоб медурахшад, ту аз нав парвоз карда метавонӣ!» Аммо парранда наҷунбида дар ҷояш меистод. Фарёдҳои ман фоида накарданд. Ниҳоят, ман дигар тоқат накардам ва бо зинапоя баромада ба лона нигоҳ кардам. Модаре ки бо бадани худ чӯҷаҳояшро аз бадбахтӣ наҷот дод, мурда буд. Чӯҷачаҳо бошанд сарҳои худро аз лона берун мебароварданд.

Бале, модар ҳар рӯз барои мо ғамхорӣ мекунад. Вай хӯрок мепазад, хонаро рӯбучин мекунад, либос мешӯяд ва дарбеҳ мекунад, ба мо ҳангоми дарс тайёр карданамон ёрӣ мерасонад. Агар мо бемор мешавем, бо муҳаббат ва сабр моро нигоҳубин мекунад. Вай назора мекунад, ки ҳангоми аз роҳ гузаштанамон моро мошин назанад, ва ҳангоме ки моро ғам фаро мегирад, тасалло медиҳад. Модарони бераҳм низ ҳастанд, ки фарзандони худро хуб нигоҳубин намекунанд. Аммо Касе ҳаст, ки ба мо аз модар дида беҳтар ғамхорӣ мекунад. Ин Кӣ бошад? Дар Китоби Муқаддас мо мехонем, ки





агар модар, писар ё духтари худро фаромӯш кунад ҳам, Худо ҳеҷ гоҳ моро фаромӯш нахоҳад кард.